# ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №15-16 (91-92) 5-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2018, ҶУМЪА

## Дар ин шумора:

ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ
Саҳ. 2

КАТЕГОРИЯҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ
Саҳ. 4

ЗАБОН – УНСУРИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ
Саҳ. 5

ТЕРРОРИЗМ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА МЕХАНИЗМИ ПЕШГИРИИ ОН
Саҳ. 10-11

МУРОҶИАТ БА СУД – ВОСИТАИ АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚ БА ҲИФЗИ СУДӢ
Саҳ. 13

ПРОФЕССИЯ УЧИТЕЛЯ - ВСЕГДА В ПОЧЁТЕ
Саҳ. 14



Забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии миллиамон ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад.

Забони тоҷикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ҳамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз ҳазорсолаҳои дур то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст ва решаҳои умри миллатамонро оби ҳаётбахш додааст.

Арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, ки ҳамчун рукни муҳимтарини ҳастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фарҳангу маънавиёти халқамон нақши барҷаста дорад, вазифаи инсониву виҷдонии ҳар як фарди бонангу номус ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

и.в. муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА

Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА

Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ

Санаи 28 сентябр дар шаҳри Душанбе Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид. Барои иштирок дар ин ҷаласа сарони давлатҳои аъзо ва дигар меҳмонони олимақом ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои ИДМ дар Бӯстонсаройи шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

Қабл аз оғози кори ҷаласаи шӯро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарони давлатҳои иштирокчӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Ҷумҳурии Молдова Игор Додон, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, муовини Раиси девони вазирони Туркманистон Пурлӣ Агамуродов ва Раиси Кумитаи иҷроия - котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедевро гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тахти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти хосаи сарони давлатҳо оғоз гардид.



Ёдовар мешавем, ки раёсатро дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад.

**www.khovar.tj**

# АКАДЕМИК ИМОМЗОДА М.С. – ПРЕЗИДЕНТИ АССОТСИАТСИЯИ ДОНИШГОҲҲОИ ОСИЁ

Санаи 20.09.2018 дар шаҳри Барнаули Федератсияи Русия Анҷумани 3-юми Ассосиатсияи донишгоҳҳои Осиё баргузор гардид, ки дар он ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик Муҳаммадюсуф Имомзода иштирок карданд. Дар кори ин Анҷуман роҳбарон ва намояндагони беш аз 70 муассисаи таҳсилоти олии касбии бонуфузи 9 давлати дунё ширкат намуда, дар зимн академик Имомзода М.С. ба ҳайси Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё интихоб гардиданд.



Ёдовар шудан ба маврид аст, ки зимни баррасии номзадон ба вазифаи Президенти Ассотсиатсия дастовардҳои ДМТ дар самти ба роҳ мондани усулҳои нави идоракунӣ, рушд ва комёбиҳои назаррас дар соҳаи илм, таҳсилот, ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳамгироии муваффақонаи барномаҳои муштараки таҳсилӣ бо ҳамкорони хориҷӣ, таъсис ва пешбурди муваффақонаи шӯроҳои дифои рисолаҳои илмии байнидавлатӣ, пешбурди корҳои тарбиявӣ дар ҷодаи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва татбиқи нишонраси сиёсати ҷавонон, таҳкими дӯстӣ ва ғ. сухан рафта, таъкид шуд, ки имрӯз маҳз зери роҳбарии академик Имомзода М.С. ДМТ яке аз донишгоҳҳои шинохтаву рақобатпазир дар минтақа гаштааст. Ҳамзамон, дастовардҳои ДМТ ҳамчун намунаи пешкадам пазируфта шуда, барои татбиқ дар дигар донишгоҳҳои аъзои Ассотсиатсия тавсия гардиданд.

Ҳайати бисёрҳазорнафараи ДМТ бо фароҳмандӣ аз ин хабар устоди муҳтарам академик Муҳаммадюсуф Имомзодаро барои интихоб шуданашон ба ҳайси Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё табрику таҳният мегӯянд.

**www.tnu.tj**



# МИЗИ МУДАВВАР ДАР ФАКУЛТЕТ



Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пайваста чорабиниҳои гуногуни илмӣ баргузор мегарданд.

Таърихи 5-уми октябри соли 2018 бо ташаббуси кафедраи забонҳои хориҷӣ мизи мудаввар дар мавзӯи «Ҳамгироии илми забоншиносӣ бо ҷомеаи ҳуқуқӣ: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба Рӯзи забони давлатии ҶТ гузаронида шуд.

Мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. оғоз гардид. Мавсуф ҳузури муборакаи ҳамаи иштирокчиёнро ба кори мизи мудаввар хайрамақдам гуфта, ба кафедраи забонҳои хориҷӣ барои ташкил намудани чунин як чорабинии илмии сатҳи баланд изҳори сипос намуданд. Инчунин, эшон ҳамаи иштирокчиёни чорабинии илмиро ба муносибати Рӯзи забони давлатии ҶТ самимона табрику таҳният намуда, иброз доштанд, ки забон ҷавҳари ҳастӣ ва бақои умри давлат буда, аз ҳар яки мо талаб менамояд онро муқаддасу гиромӣ нигоҳ дорем ва бахри покизагиву муаррифии он пайваста талош намоем.

Сипас мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, дотсент Назарова З.А. бо сухани муқаддимавӣ баромад намуда, доир ба нақш ва мавқеи забони давлатӣ дар инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ибрози андеша намуд.

Баъдан кори мизи мудаввар дар асоси барномаи омодагардида идома ёфта, дар он маърӯзаҳои докторони илмҳои филологӣ Қосимов О.Ҳ. ва Ҷӯраева М.Р., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азизкулова Г.С., муаллими калон Сафаров Ҳ.С., аспирантон Сафаралиев Д.С. ва Пирзода П.Р. шунида шуда, эшон пешниҳодҳои судманди худро доир ба мавзӯи омоданамудаашон иброз доштанд.

Дар умум мизи мудаввар муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ ва забонии кишварро фаро гирифта, бахри инкишофи минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат хоҳад намуд.

Зимни музокираҳо табодули афкори судманди иштирокчиён сурат гирифт. Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои кори мизи мудаввар барои такмили забони давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ самарабахш хоҳад буд.

# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ



Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум, ки тахти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зухуров баргузор гардид, масъалаҳои ҳаётан муҳимро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурзода Тоҳир ва вакили мардумӣ Сафарзода Бахтовар зимни баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иброз намуданд, ки бо мақсади иҷрои банди 20 Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, дар қисми 2 моддаи $179^3$ Кодекси ҷиноятӣ пас аз калимаҳои "воситаҳои ахбори омма" илова намудани калимаҳои "ё шабакаи интернет" пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 319-321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ гардидааст.

Таҷрибаи судӣ аз натиҷаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаҳои зикргардидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду соли охир нишон дод, ки ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима барои содир намудани ҷинояти гирифтани пора, додани пора ва иғвои порадиҳӣ ҷораи таъсиррасонии натиҷабахш набуда, барои коҳиш додани сатҳи содиршавии чунин ҷиноятҳо назаррас намебошад.

Бинобар ин, тибқи лоиҳа дар моддаҳои 319-321 Кодекси мазкур ҷазо дар намуди ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ хориҷ карда шуда, барои содир кардани чунин ҷиноятҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

# ДИФОИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ



Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки рӯз то рӯз сафи устодони унвондор дар мамлакат меафзояд ва ин аз пешравии соҳаи илм дар кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Аз ҷумла, санаи 14-уми сентябри соли 2018 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзӯи «Проблемаҳои суиистифодаи ҳуқуқи субъективии гражданӣ» дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рисолаи номзадиашонро дифоъ намуданд.

Санаи 25-уми сентябри соли 2018 бошад, ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданинии факултети ҳуқуқшиносӣ Саидов Ҳуснуддин Миршакарович дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии таъмини шаҳрвандон бо оби нӯшокӣ дар танзими ҳуқуқи хусусӣ» рисолаи илмиашонро дифоъ намуданд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Қодирзода Т.Қ. ва Саидов Ҳ.М.-ро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамоянд.

# СЕМИНАРИ ИЛМИИ ОЛИМОНИ ҶАВОНИ ФАКУЛТЕТ

Бо ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳар охири моҳ семинари илмии олимони ҷавони факултет баргузор мегардад. Ин иқдоми пешакардаи садорати факултети ҳуқуқшиносӣ судманд буда, барои инкишофи малакаю дониши устодони ҷавон мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина, санаи 28-уми сентябри соли ҷорӣ семинари илмии омӯзгорони ҷавони кафедраи ҳуқуқи гражданӣ бо иштироки доираи васеи омӯзгорон, аспирантон, магистрҳо ва мудирони кафедраҳо баргузор гардид. Сухани ифтитоҳиро декани факултет, н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. оғоз намуда, иброз доштанд, ки дар соли аввали хониши 2018-2019 нахустин семинари илмии олимони ҷавони факултет буда, барои такмили дониши мутахассисони ҷавон саривактӣ ба ҳисоб меравад.

Баъдан, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, профессор Ғаюров Ш.К. изҳори сипоси худро ба ҳамаи иштирокчиён барои ширкат дар кори семинари илмӣ баён намуданд. Сипас, аз рӯйи барномаи семинар маърӯзаҳои устодони ҷавони кафедраи зикргардида ассистентон Соҳибов М.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З., Маҳмудов Р.М. ва аспирантон Ҳамрокулова Ҷ., Азимов Ҳ. шунида шуданд. Баромадкунандагон мазмуну моҳияти маърӯзаҳои хешро шарҳ дода, таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи онро асоснок намуданд. Оид ба маърӯзаҳои қироатшуда саволу ҷавоб ва музокираҳои тӯлонӣ сурат гирифт. Мавриди зикри хос аст, ки аксарияти иштирокчиёни семинари илмӣ андешаю назари хешро оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои баррасишуда баён намуданд. Дар умум вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузории гражданӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, роҳҳои ҳалли ин мушкилот пешниҳод гардид.

**Таҳияи М.М. Соҳибов**

# КАТЕГОРИЯҲОИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ



Фирӯз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ

Илми ҳуқуқшиносӣ аз маҷмӯи донишҳо иборат буда, ин донишҳо асосан бо воситаи институтҳои гуногун ва категорияҳои гуногун дарҷ карда мешаванд. Категорияҳои илмӣ дар тамоми соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ дорои хусусияти хос буда, вобаста аз предмети танзими соҳаи ҳуқуқи мазкур аз дигар категорияҳои ба ин монанд фарқ менамоянд. Барои ҳамин ҳам, дар илми ҳуқуқшиносӣ категорияҳои ҳуқуқии як соҳа аз категорияҳои ҳуқуқии ҳаммонанд дар дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ фарқ менамоянд.

Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун соҳаи ҳуқуқ ва соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ дорои категорияҳои гуногун мебошад. Ин категорияҳои ҳуқуқӣ дорои мазмун ва моҳияти худ буда, онҳо вобаста аз предмети ҳуқуқи гражданӣ дорои як қатор хусусиятҳо мегарданд. Аз ин лиҳоз, категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ хоси маҳз ҳуқуқи гражданӣ чун соҳаи ҳуқуқ буда, таҷассумгари муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, ки ба сифати предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ баромад менамоянд, мебошанд. Донистани моҳият ва мазмуни категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ имкон медиҳад, ки ин категорияҳо аз ҳамдигар фарқ карда шуда, дуруст истифода бурда шаванд ва дар натиҷа муносибати мазкур ба таври дахлдор ба танзим даровarда шавад. Аммо, мутаассифона на дар ҳама вақт ин қоидаи умумӣ ба назар гирифта мешавад, ки боиси ба миён омадани нофаҳмиҳо мегардад. Масалан дар бештари маврид чунин категорияҳои ҳуқуқи гражданӣ аз қабили «ҳуқуқи моликият», «шахси ҳуқуқӣ» ва ё «шартнома», инчунин дигар категорияҳо ба таври васеъ баҳо дода мешаванд, ки то дараҷае баҳснок мебошад.

Ҳамон тавре ки дарҷ намудем, истифодаи ин ё он категорияи гражданӣ- ҳуқуқӣ бояд тибқи мазмун ва мухтавои он, ки дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ вобаста ба предмети танзими он муқаррар карда шудааст, истифода бурда шавад. Аз ҷумла, категорияи «ҳуқуқи моликият» чун категорияи соф гражданӣ-ҳуқуқӣ дар маънои субъективӣ, яъне чун ҳуқуқи субъективии гражданӣ аз ваколатҳои зерини соҳибмулк ба монанди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудан иборат мебошад. Ваколатҳои зерини соҳибмулк моҳиятан аз он бармеоянд, ки объекти ҳуқуқи моликият ҳамеша, танҳо ва танҳо ашёи бо нишони инфиродӣ мушаххас баромад менамояд. Пас, танҳо чунин ашёро метавон соҳибӣ ва истифода бурд. Ҳарчанде ваколати ихтиёрдорӣ ба сифати ваколати умумӣ баромад намуда, ба дигар объектони ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ татбиқ карда шаванд ҳам, аммо ба ҳар ҳол дар ҳуқуқи моликият он маҳз ба ашё нигаронида шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки аз ин хусусияти ҳуқуқи моликият дигар хусусиятҳои он бармеоянд, ки маҳз хоси категорияи «ҳуқуқи моликият» дар ҳуқуқи гражданӣ мебошанд.

Пас, дар ҳуқуқи гражданӣ ҳуқуқи моликият чун категорияи ҳуқуқӣ дар маънои ҳуқуқи субъективии гражданӣ объекти махсус дошта, бо ин аз дигар категорияҳои ба ин монанд дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ фарқ менамояд. Масалан, категорияи «ҳуқуқи моликият» дар ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ё ҳуқуқи оилавӣ низ васеъ истифода бурда мешавад, ки чунин хусусиятҳои дарҷгардидаро, ки ин категория дар ҳуқуқи гражданӣ доро мебошад, доро намебошанд. Аз ҷумла, дар ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ё ҳуқуқи оилавӣ объекти ҳуқуқи моликияти субъектони дахлдор на танҳо ашё, балки дигар объектҳои ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ, аз қабили ҳуқуқҳои молумулкӣ баромад карда метавонанд. Масалан, объекти ҳуқуқи моликият дар маънои ҳуқуқи конститутсионӣ тамоми неъматҳои арзишманд баромад намуда, онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ва шаҳрванд эътироф ва кафолат медиҳад (м.32-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Вобаста ба ин, дар ҳуқуқи конститутсионӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи моликият субъект ваколатҳои васеъ дошта, он бо ваколатҳои соҳибмулк дар ҳуқуқи гражданӣ маҳдуд карда намешавад. Яъне, ҳуқуқи моликият чун ҳуқуқи субъективии конститутсионӣ ба субъект имконияти бо ҳар роҳ ва воситаҳои қонунӣ қонеъ намудани манфиатҳои худро бо истифода аз неъматҳои гуногуни арзишманд фароҳам меоварад.

Чунин хусусият ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи оилавӣ низ хос мебошад. Масалан, объекти ҷиноят ба муқобили моликият ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи моликият дар маънои васеи он, на гражданӣ-ҳуқуқии он, ба миён меоянд. Предмети ин ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷинояти дуздӣ ва ё азонихудкунӣ бештари объектҳои ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ баромад карда метавонанд, ҳарчанде ки объекти ҳуқуқи моликият дар маънои гражданӣ-ҳуқуқӣ танҳо ашёи бо нишони инфиродӣ мушаххас баромад менамояд.

Дар ҳуқуқи оилавӣ чунин васеъ баҳо додан ва баррасӣ намудани категорияи «ҳуқуқи моликият» низ дида мешавад. Масалан, объекти ҳуқуқи моликияти ҳамсарон на танҳо ашё, балки дигар неъматҳои моддӣ, ки ба сифати объектони ҳуқуқҳои гражданӣ баромад менамоянд, эътироф карда мешаванд. Аз ҷумла, объекти ҳуқуқи моликияти муштараки ҳамсарон суратҳисоб дар бонкҳо, объектони моликияти зеҳнӣ ва дигар объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ, ки ашё набуда, ба сифати объекти ҳуқуқи моликият дар маънои гражданӣ-ҳуқуқӣ баромад намекунанд, эътироф карда мешаванд.

Чунин хусусиятро дигар категорияҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ низ доранд. Аз ҷумла, категорияи «шахсони ҳуқуқӣ», «шартнома» ва дигар категорияҳо. Масалан, «шартнома» чун категорияи гражданӣ-ҳуқуқӣ дар маънои созише фаҳмида мешавад, ки асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъгардии ҳуқуқҳои субъективии граждании тарафҳои он мегардад. Дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ категорияи «шартнома» метавонад чунин хусусиятҳоро надошта бошад, яъне дар асоси онҳо ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ ба миён наоянд, тағйир наёбанд ва ё қатъ нагарданд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки ин категория нодуруст мебошад ва дар ин соҳаи ҳуқуқ набояд истифода шавад. Баръакс, дар ҳолати зарурият бояд истифода шавад, аммо шарт нест, ки он дорои тамоми хусусиятҳои шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, бошад. Масалан, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 11-и моддаи 72) оид ба шартнома байни андозсупоранда ва мақомоти андоз сухан меравад, ки маънои гражданӣ-ҳуқуқӣ надошта, дар маънои андозӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Пас, ин гуфтаҳо аз чӣ шаҳодат медиҳанд? Гуфтаҳои мазкур шаҳодат аз он медиҳанд, ки категорияҳои ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва категорияҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, вобаста аз предмети танзим ва дигар махсусиятҳои соҳаи ҳуқуқие, ки онҳоро «тавлид» намудааст, баҳо дода шуда, бояд мавриди истифода қарор дода шаванд. Ин гуфтаҳо ба ҳамаи соҳаҳо хос мебошанд, аз ҷумла хоси ҳуқуқи гражданӣ мебошанд, ки категорияҳои он васеъ дар қонунгузории соҳавӣ истифода мешаванд.

Бо ин назардошт, бояд қайд намуд, ки ҳангоми истифодаи категорияҳои як соҳа, аз ҷумла ҳуқуқи гражданӣ, бояд мухтаво ва моҳияти он бо назардошти предмети танзими ин соҳа, методҳои он ва дигар хусусиятҳои соҳаи мазкур баҳо дода шавад, то ин ки баҳсҳои гуногун ба миён наоянд ва дар раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ мушкилиро эҷод накунанд.



> **«Забон ҷавҳари ҳастӣ ва бақои умри миллат аст. Миллат бе забон мисли паррандаи бе болу пар аст, ки парвози баландро ба куллӣ фаромӯш кардааст. Дӯст доштани забон – ин дӯст доштани модар, Ватан ва таъриху фарҳанги худ аст».**
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**

# ЗАБОН – УНСУРИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**магистри факултети ҳуқуқшиносӣ**

Тоҷикистон тайи 27 сол шуд, ки ба Истиқлоияти давлатӣ мушарраф гардидааст, ки ин нодиртарин ва бузургтарин муваффақияти миллати тоҷик мебошад. Миллати соҳибфарҳангу куҳанбунёди тоҷик бо давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон дар ҷараёни маҷрои пуртуғёни сиёсии давлатҳои ҷаҳон ворид гардидадаст. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди касби Истиқлолияти давлатӣ бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифт. Унсури марказии ҷомеаи шаҳрвандиро инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ташкил медиҳанд, ки он дар сатҳи Конститутсия арзиши олӣ эълон шудаанд. Ҳамзамон нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он дар чунин ҷомеа меҳвари тамоми намуди фаъолият ба ҳисоб меравад.

Имрӯз хушбахтона Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аъзои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад ва аксарияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф намудааст, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишварамонро ташкил мекунанд. Ҷаҳони муосир пур аз тазодҳо ва хатарҳои умумибашарӣ аст, ки барои амният ва давлатдории кишварҳои олам мушкилии сарбаста гардидааст. Тоҷикистон низ ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд дар канор набуда, саҳми худро барои бартараф намудани ин хатарҳо, ба василаи созмонҳои байналмилалӣ мегузорад. Бешубҳа, бештари хатарҳои олами муосир натиҷаи ҷаҳонишавӣ аст. Дар ин раванд ҳар тоҷику тоҷикистониро зарур аст, ки барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нигоҳ доштани фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои миллӣ камари ҳиммат банданд.

Забон яке аз унсурҳои асосии давлатдории миллӣ ба шумор меравад ва он дар раванди ҷаҳонишавӣ бояд ҳамчун гавҳараки чашм мавриди ҳимоя ва ҳифз қарор гирад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ изҳор доштанд: «Тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаи азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзояд”.

Бояд қайд намуд, ки забон дар баробари Ватан, Модар, Истиқлолияту озодӣ, Парчам, Нишон ва фарҳанг муқаддас буда, дар пойдории давлати миллӣ нақши муассир дорад. Миллати ғаюру наҷиби тоҷик дар тули таърих тавонист фарҳанг, забон, шахсият ва манфиатҳои миллиашро дар муқобили аҷнабиёни юнону мақдунӣ, арабҳо, муғулҳо, туркҳо ва русҳои истилогар ҳимоя ва ҳифз намояд. Тоҷикон агарчи солҳои зиёд бе давлат буданд, аммо тавонистанд забони тоҷикӣ, фарҳанг ва шахсиятҳои миллиашонро ҳифз намоянд. Шодравон, устод Бозор Собир барҳақ гуфтаанд: “Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард”.

Забони тоҷикӣ (дарӣ) дар Мовароуннаҳру Хуросон аз давраи давлатдории Сомониён то солҳои 20-уми асри XX (агарчанде давлатҳои баъди Сомонӣ туркӣ-муғулӣ буданд) ҳамчун забони расмӣ – давлатӣ ва коргузорӣ хидмат кардааст. Барҳақ устоди зиндаёд Садриддин Айнӣ дар китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” навиштааст: “Аз бозе ки вақоиъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон чунонки як қавми муаззам ба номи тоҷик ё ки тозик истиқомат дорад, ҳамчунон забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳру Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳею амире нест. Чунончи мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки ирқан форсизабон ҳастанд, чи қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, шайбонӣ, астархонӣ ва манғит, ки ирқан муғул, турк, ва ӯзбек ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфтааст. Пас, маълум мешавад, ки ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург бо номи тоҷик, ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷоҳост”.



Мутаассифона, дар аввалҳои солҳои 20-уми асри XX сарнавишти миллату давлатдории тоҷикон, фарҳанг, шинохти шахсиятҳои миллӣ, ба вижа забони тоҷикӣ ба дасти баъзе ҳуққабозон афтода буд, ки куллан миллатро инкор намуда буданд. Масалан, А. Фитрат, ки худ тоҷик буд, аммо комилан миллат будани тоҷикон, забони тоҷикӣ ва тоҷик будани Шайхурраис Ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва дигар чеҳраҳои намоёни миллати тоҷикро инкор намуда, мансуб ба туркон менамуд, мисли ин боз даҳҳо хиёнаткорони дигар буданд. Инчунин камбудиҳои раванди тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна, таъсири шуми пантуркизм, ду маротиба иваз намудани хат дар Тоҷикистон, ба ҳайси забони давлатӣ напазируфтани забони тоҷикӣ, несту нобуд кардани зиёиёну равшанфикрон ва қаҳрамонони миллат аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки мақсаднок бар зарари тоҷикон равона шуда буданд.

Хушбахтона, дар охирҳои солҳои 80-уми асри XX эҳсоси худшиносӣ ва худогоҳии мардум боло гирифта, ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи талошу муборизаҳои равшанфикрону зиёиёни кишвар ба миллати тоҷик саннаи 22-юми июли соли 1989 муяссар гардид, ки бо қабули Қонун “Дар бораи забон” дар таърихи навини кишвар забони тоҷикиро ба мақоми давлатӣ бирасонанд, ки ин муваффақияти бузурги миллӣ буд. Миллати тоҷик аввалин мардум дар Осиёии Миёна буданд, ки барои забону фарҳанги хеш мубориза burданд.

Бо ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ ва вусъат ёфтани рушди давлатдории миллӣ мақом ва нақши забони тоҷикӣ торафт баланд гардид. Бо вуҷуди ноороміҳои кишвар ва идома ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ миллати тоҷик ба забон ва фарҳанги худ арҷ мегузошт. Чунончи, нахустин қонуне, ки парлумони кишвар – Шӯрои Олӣ санаи 30-юми апрели соли 1992 қабул намуд, ин Қонуни ҶТ “Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон” буд. Яъне ба ҷои истилоҳи хориҷии “прокуратура” калимаи ноби тоҷикӣ – “додситонӣ” эҳё гардид, ки натиҷаи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ буд.

Бо мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории миллӣ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи шарифи Тоҷикистон санаи 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи кишварро қабул намуд, ки бевосита дар моддаи 2-и он забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эълон карда шуд.

Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти комил дар Ватани азизамон шароит барои ҳимоя ва баланд бардоштани арзишҳои миллӣ ба вуҷуд овард. Билохира, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатӣ” қабул гардид, ки он аз 28 модда ва 7 боб иборат мебошад. Қонуни мазкур мақом ва вазъи ҳуқуқии забони тоҷикиро муайян намуд. Миллати тоҷик ҳар сол рӯзи 5-уми октябрро ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн мегиранд.

Имрӯз забони коргузорӣ, забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ, забони таҳсил, забони илм, забони ҷорабиниҳои фарҳангӣ, забони воситаҳои ахбори омма, забони эълону реклама, забони иттилоот ва коммуникатсия, номгузории ташкилоту маҳалҳо дар кишвар ҳама бо ЗАБОНИ ТОҶИКӢ аст, ки ин муваффақияти бузурги миллӣ дар замони соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Садо додани забони ноби тоҷикӣ аз ҷониби Пешвои миллат дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ воқеан ҳам қалб ва рӯҳу равони ҳар шахсро, ки заррае меҳру муҳаббат ба Ватан дораду аз таърихи ниёгони хеш бохабар аст, равшан менамояд.

Академик Муҳаммадҷони Шакурӣ дар асараш “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” бисёр оянданигорона навиштааст: “Забони адабии тоҷикӣ забони иқтидормандест, ки дар зарфи чандин аср сайқал ёфтааст. Ин ҳолат ба зиммаи қаламкашҳои имрӯза масъулияти ҷиддие мегузорад. Донистани таърихи забони адабӣ ва роҳҳои инкишофи он, истифодаи ҳамаҷониба аз андӯхтаҳои чандинасраи вай, бо ҳассосияти махсусе ҳис кардани нозукиҳои он аз шартҳои асосии фарҳанги сухан аст”.

Дар хатми сухан қайд бояд намуд, ки Истиқлолият, озодӣ, баробарӣ, ваҳдати миллӣ, давлатдории миллӣ ва амнияти миллӣ бузургтарин ва арзишмандтарин неъмат мебошанд, ки аз ҳамаи мо шукргузориро талаб менамоянд. Хушбахтона, миллати тоҷик бо ҳама ноадолатиҳои таърихӣ, поймол гардидани ҳуқуқ ва нодида гирифтани манфиатҳои миллии тоҷикон, аз даст додани сарзаминҳои аҷдодӣ ва ба хуну хок кашидани миллат боз ҳам соҳибихтиёру дорои давлату давлатдории миллӣ аст ва ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон иштирок мекунад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва таъсири манфии он ба ҷомеаву давлатдории миллӣ халқи шарифи Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамеша зираку ҳушёр ва худогоҳу худшинос бошанд. Ватан, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиро муқаддас ва аз самими қалб дӯст доранд.

Рӯзи забони давлатиро самимона барои тамоми ҳамватанонамон табрик менамоям!

# БУЗУРГДОШТИ ЗАБОН

**Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошта, барои пешбурди сиёсати забон ҳамасола силсилаи қонуну қарорҳо ва тадбирҳо андешида мешаванд.**

Асари бунёдии Сарвари давлат “Забони миллат – ҳастии миллат” тадқиқоти марҳилавие мебошад, ки ба бисёр муаммоҳои баҳснок ва ҳалталаби амалкардаи забони тоҷикӣ ва таърихи таҳаввули он рӯшанӣ андохт. Ин омилҳо буданд, ки дар Тоҷикистон падидаи нодири сиёсию фарҳангӣ ва илмӣ, яъне сиёсати забон комилан татбиқ гардид. Ба туфайли ташаббус ва кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърих дар фаҳмиши моҳият ва корбурди забони миллӣ нуқтаи назар ва таҷрибаи ғанӣ ба даст омад, ки аз он дар маҷмӯъ сиёсати забон пайдо мегардад. Гурӯҳе аз олимони илми забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика), аз он ҷумла профессор Абдуқодиров А. таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҷеъ ба сиёсати забон ба се масъалаи ба ҳам марбут мепайвандад:

1.Нуқтаи назари давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият. Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон дошт. Дар Конститутсияи ҶТ омадааст: “Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст”. Дар ҳақиқат, забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Дар забони модарӣ хофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик нигоҳ дошта шудааст. Забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шиносхти миллати тоҷик мебошад.

2.Андешидани тадбирҳои давлатӣ дар хусуси амалисозии забон дар мамлакат. Муҳимтарин ҳуҷҷате, ки дар асоси он фаъолияти забон ба роҳ монда шуд қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” мебошад, ки онро бори аввал Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон 22 июли соли 1989 қабул карда буд. Қонуни мазкур фарогири 8 бобу 37 модда буда, мавқеи забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар, ки дар қаламрави Тоҷикистон истифода мешаванд, муайян муайян намудааст.

Қонуни мазкур забони тоҷикиро забони давлатӣ эълон дошт. Чунончи дар моддаи 1 омадааст: “Забони давлатии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад”. Аввалин талаби Қонун ин буд, ки коргузории мақомоти ҳокимият, идораҳои давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо забони давлатӣ сурат бигиранд. Қабули қонуни мазкур ҳанӯз як тарафи масъала аст, вале татбиқи он тарафи дуюми масъала ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дере нагузашта 11 августи соли 1989 таҳти №142 “Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони РСС Тоҷикистон” интишор карда, барои дар амал татбиқ намудани он комиссияҳои ҷамъиятӣ таъсис дод.

Дар идораҳои давлатӣ, корхонаву муассисаҳо барои омӯзиши забони тоҷикӣ курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ташкил карда шуданд, ки барномаҳои он бо усули дар мукоиса бо забони модарии муҳассилин омӯхтани забони давлатӣ асос ёфта буд, ки он ба такмили забони модарии ғайритоҷикзабонон низ муфид буд.

3. Масъалаи дигари сиёсати забонро усулҳои ба амал баровардани нақшаву тадбирҳои давлатӣ ташкил менамоянд. Бо ин мақсад як силсила корҳои ташкилӣ андешида шудаанд. Қонуни дар боло зикр гардидаи забон 20 сол амал кард. Инчунин дар идоракунии давлатӣ аз забони русӣ ба забони модарии миллати худ гузаштан, дар ташкили истеҳсолот, илм, фарҳанг, таълиму тарбия комёбии бузург аст, ки аз дурустии сиёсати давлат нисбати забон ва тадбирҳои дар ин ҷода андешидашуда дарак медиҳад.

Худи қонун, ки ба ҷои забони русӣ забони миллиро забони давлатӣ эълон дошт ва онро амалан ҷорӣ намуд, таҷрибаи пурарзиши нотакрор аст. Дар назди ҷомеаву давлат ба рукнҳои он вазифаҳои нав ба нав гузошта шуданд. Ин буд, ки Сарвари давлат зарурати қабули қонуни нави забонро ба миён гузоштанд, ки сипас он таълиф гашт ва пас аз муҳокимаву таҳрир 5 октябри соли 2009 ба тавсиб расид. Ин ҳуҷҷати муҳими давлатиро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном дорад, бояд қонуни комилан нав ҳисобид. Қонуни мазкур ба мисли пештара на ба ҳамаи забонҳои роиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, балки он ҳолати ҳуқуқӣ ва истифодаи танҳо забони тоҷикӣ (давлатӣ)-ро дар ҶТ муайян менамояд. Аз ҷумла, моддае, ки дар қонуни пештара нисбати забони русӣ вуҷуд дошт ва забони русиро “забони муошират байни халқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон” эълом медошт, фурӯгузор шудааст.



Ҷиҳати маҳдуд накардани амали забони русӣ дар бандҳои алоҳидаи моддаи 4-и қонун таъкид шудааст, ки “Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатхое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд”. Ҳамчунин, дар моддаҳои 8- забони таҳсил, 10 - забони илм, 11- забони чорабиниҳои фарҳангӣ, 12 - забони воситаҳои ахбори омма, 13- забони эълону рекламаҳо омадааст. Дар ҳамаи ин мавридҳо истифодаи забони дигар иҷозат дода мешавад.



Зарина НАЗАРОВА
мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ

Ҳанӯз дар соли 2008 ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ Президенти кишвар иброз дошта буданд: “Дар бораи забони давлатӣ сухан ронда, мо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳем, ки ба забонҳои миллатҳои дигари ҳамватанонамон беэътиноӣ зоҳир гардад. Баракс, мо ба забон, фарҳанг, мактабҳои миллатҳои бародари худ эҳтиром дорем ва ҳамеша ғамхорӣ хоҳем кард, зеро бо онҳо тақдири мо, ватани мо, ифтихори мо муштарак мебошад”. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро дар бораи густариши минбаъдаи забони давлатӣ ба таври мухтасар ва ҷамъбастӣ чунин баён кардаанд: “Мо дар равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳараки қимматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард”.

Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ ҳамеша ҳамқадами замон буда, дар баробари ҷамъият дар таҳаввулоти доимӣ қарор дорад. Сиёсати забон дар ҷумҳурии мо дигаргуниҳои воқеиро зуд дар худ инъикос менамояд. Чунончи пас аз дувоздаҳ соли қабули қонуни забон зарурати беҳтар донистани забони русӣ ва англисӣ ба миён омад ва ин тақозои замон нақши худро дар сиёсати забон ёфт. Вобаста ба ин муносибат Фармони Президенти мамлакатамон “Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014” аз 4 апрели соли 2003 ва Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020” таҳти №427 аз 3 июли соли 2014 интишор ёфт, ки зарурати тасвиби он чунин арзёбӣ гардидааст: “Ҷиҳати рушди робитаҳои байналмилалӣ, ғанӣ гардонидани дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии халқҳо, фароҳам овардани шароит барои суръат бахшидани илму техника, аз худ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, такмили ҳамаҷонибаи таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад дониста шавад”.

Қонуни забон баррасии як қатор масъалаҳои илмиро амсоли таҳкими қонуниятҳои инкишофи забони давлатӣ дар шароити истиқлолияти миллӣ, муносибати давлат ва забон, равобити забони давлатӣ (тоҷикӣ) бо забонҳои дигар (русӣ, англисӣ ва ғайра)-ро ба миён гузошт.

Забони тоҷикӣ, бешак яке аз забонҳои бою ғании ҷаҳон буда, дар худ қудрати ифодаи аксари мафҳумҳоро доро мебошад. Бо ин забон на танҳо адабиёти оламшумули беш аз ҳазорсола офарида шудааст, балки забони илм гардида, дар тӯли таърих ҳазорҳо рисола ва асарҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ интишор шуда, маърифатгари забони ноб дар арсаи олам гардидааст. Ба ибораи дигар, забони тоҷикӣ аз даврони қадим на танҳо забони фарҳангу адаб, балки забони илм, аз ҷумла илмҳои дақиқу табиӣ низ ба шумор мерафт. Вазифаи олимону донишмандон имрӯз аз он иборат аст, ки дар шароити рушди бемайлони илму техникаи муосир қудрати забони модариамонро боз ҳам афзун намоянд ва бо истифода аз захираи пурсарвати луғавии забони тоҷикӣ онро ҳамқадами замон гардонанд. Насли наврасу ҷавон бошанд, муаззафанд, ки ин неъмати бебаҳои маънавиро эҳтиром намоянд ва барои дурусту бехато навиштану муошират бо забони давлатӣ пайваста кӯшиш намоянд.

# ФАЛСАФАИ ҲУҚУҚ
## (ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ)



Комрон ФАРРУХЗОДА
донишҷӯи соли 3



Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаҳмиши моҳияти ҳуқуқ ифода меёбад. Фаҳмиши фалсафии ҳуқуқ дар робита бо қонунгузорӣ, ки шакли ифодаи ҳуқуқи позитивӣ (ҳуқуқи давлат) мебошад, ғайриимкон аст.

Ҳуқуқи позитивӣ дар шакли қонунгузорӣ (Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва ғ.), амсоли судӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, шартномаи меъёрӣ, принсипҳои ҳуқуқ амал мекунад. Позитивизми ҳуқуқӣ, ки иборат аз назарияҳои мухталиф мебошад, ба омӯзиши қонунгузорӣ ва шаклҳои дигари ифодаи расмии ҳуқуқ, сарчашмаҳои воқеии ҳуқуқи амалкунанда, фактҳои ҳуқуқӣ, таҳия, тасниф, тафсир, мураттабсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ машғул аст. Позитивизми ҳуқуқӣ аз доираи қонунгузорӣ ва шаклҳои дигари расмии ҳуқуқи амалкунанда берун баромада наметавонад. Аз ин рӯ, зарурияти дарки васеи ҳуқуқ, таҳлил ва таҳқиқи ҳуқуқ новобаста аз ҳуқуқи расмӣ, дар робита бо падидаҳои дигари берун аз қонунгузорӣ ба миён меояд.

Ин зарурияти дарки фалсафии ҳуқуқ дар раванди таърихии ташаккули меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ (ахлоқ, дин, одатҳо, анъанаҳо ва ғ.), афзоиши батадриҷи нақши ин меъёрҳо дар ҳаёти одамон, нақши адолат, озодӣ, баробарӣ, хирад дар танзими ҳаёти ҷомеа ва давлат, пешбарӣ ва истифодаи назарияҳои мухталифи ахлоқиву динии ҳуқуқ, ташаккул ва инкишофи васеи назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ мунтазам эҳсос мешавад.

Фалсафаи ҳуқуқӣ яке аз фаҳмишҳои қадимтарини инсон буда, аз давраҳои атиқа барои муайян ва дарки моҳияти ҳуқуқ машғул буд. Фалсафаи ҳуқуқӣ ҳатто дар даврае маркази таваҷҷуҳи олимони гуногуни атиқа буд, ки ҳатто на фаҳмиши расмии ҳуқуқӣ, на соҳаҳои ҳуқуқ ва на мавқеи ҳуқуқ дар ҷамъият вуҷуд дошт, вале масъалаи боадолатона будани қонунҳо ва қарорҳои судӣ мавриди танқиди мутафаккирони атиқа гардида буд. Масалан, Афлотун шоҳасари худ “Давлат”-ро маҳз дар пояи муҳокимарониҳо оид ба адолат ба тавсиф расонидааст. Арасту дар саҳифаҳои “Этикаи Нихоматикӣ” масъалаи асосии имрӯзаи фалсафаи ҳуқуқ: чӣ гуна назария ва амалияи ақидаҳои ҳуқуқиро муттаҳид сохт? – дида баромадааст. Ба ақидаи Арасту маҳаки асосии байни назария ва амалия бояд тавассути шуури назариявӣ муайян гардад. Донишҳое, ки дар натиҷаи муҳокима ба вуҷуд меоянд фаъолияти амалии инсон, яъне ҳаёти ҳаррӯзаи ӯро муайян менамоянд. Муҳокимарониро на ба роҳе, ки тавассути он касб, ҳунар, илм ва ё санъат омӯхта мешавад, аз худ намудан ғайриимкон аст. «Фронесис (хулосаҳои таҷрибавӣ)» дониш набуда, таҷрибаро ташкил медиҳад, ки мунтазам тағйир ва мукаммал мегардад. Яъне Афлотун донишҳои умумиро ба донишҳои таҷрибавӣ муқобил мегузорад, зеро донишҳои таҷрибавӣ ба воқеият дар шакли умум менигарад, аммо таҷриба на дар шакли умум, балки дар шакли инфиродӣ, алоҳида мавриди вуҷуд қарор дорад. Мушкилоти қонун низ дар ҳамин дида мешавад, ки ба кирдори муайян дар шакли умум баҳо медиҳад. Афлотун мутеъ бар он буд, ки адолат ба муқарраროти умумӣ тобеъ буда наметавонад, яъне як меъёри алоҳида наметавонад, ки адолатро дар ҳамаи ҳолатҳои ҳаётӣ таъмин намояд. Ин масъала дар Рими Қадим ҳамчун фалсафаи натуралӣ ташаккул ёфтааст. Онҳо тавонистанд, ки тахти принсипи “Ҳуқуқи табииро худи табиат ба ҳама омӯзонидааст” тавонистанд, ки амалияи ҳуқуқиро офаранд ва инкишоф диҳанд. Барои онҳо ғайр аз адолати судӣ дигар адолат вуҷуд надошт. Дар Рими Қадим консепсияи ташаккул дода шуд, ки мутобиқи он ҳукм бояд боадолат бошад, новобаста аз оне ки он қонунӣ аст ё ғайриқонунӣ.

Масъалаи зикргардида дар сарчашмаҳои таърихии Тоҷикистони қадим низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта буд. Дар яке аз аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқии давраи қадим Эъломияи Куруши Кабир чунин муқаррарот вуҷуд дошт: “ ... - Ман, ки имрӯз афсари подшоҳиро бар сар ниҳодаам, то рӯзе зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман арзонӣ карда, ҳаргиз фармонравоии худро бар ҳеҷ мардумоне ба зӯр таҳмил накунам ...”. Дар “Насиҳатнома”-и Тоҳир ибни Ҳусайн низ боадолат будани фармону амри амир яке аз шартҳои пойвии устувории мамлакат дониста шудааст. Дар Қуръон низ ба адолат таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Дар фармони ҳокимон ва амирони он давра низ боадолатии санадҳои онҳо зикр шудааст: “... Бигузор, қозиҳои мулкҳо бидонанд, ки ҳамаи фаъолияти мо барои барқарори адолат байни мардум ва решакан намудани беадолатӣ, зӯрӣ, маҳдудкунии даъвоҳои беасос ... равона карда шудааст. Ҳуқуқ ба оне дода шавад, ки ҳаққи ӯст, дарвозаи фиребгарӣ, зӯрӣ ва дуздӣ баста шавад. ....” (фармон аз 25.03.1300).

Дар давраи шӯравӣ фалсафаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҳсули капитализм дониста шуда буд. Аммо назариячиёни ҳуқуқ ба мисли Д. А. Керимов, Л. С. Явич, Т. Н. Рябко, П. П. Баранов ва баъзеи дигарон фалсафаи ҳуқуқро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ба қисмате аз назарияи умумии ҳуқуқ табдил доданд. Маҳз дар ин давра масъалаҳои методологии ҳуқуқ, таълимот оиди принсипҳои ҳуқуқ, принсипҳо-арзишҳо, шуури ҳуқуқӣ, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ва мавзӯъҳои дигар, ки ҳуқуқшиносии позитивӣ онро эътироф надоранд, вале онҳо ҳамчун ядрои илми ҳуқуқ вуҷуд доштанд ва доранд коркард карда шудааст.

Инкишоф ва такмили фалсафаи ҳуқуқ дар замони имрӯза низ идома дорад. Аммо бинобар сабаби он ки дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ фалсафаи ҳуқуқ чун ҳуқуқҳои фитрӣ ном бурда мешуд, мавриди танқид қарор гирифта, бештар дар санадҳои ҳуқуқӣ бо ибораи “ҳуқуқи шаҳрвандон” ифода мегардид. Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва бо роҳи қабул намудани Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гуногунандешӣ, волоияти қонун ва бартарии ҳуқуқ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон пойдор гардид.

Вазифаи муҳимми фалсафаи ҳуқуқ муайян намудани моҳияти аслии фалсафаи ҳуқуқ ё ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки чун маҳаки ҷавобгӯи адолат, озодӣ, хирад ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ будани ҳуқуқи расмии амалкунандаро ифода мекунад.

Дар заминаи нуқтаи назар назарияи позитивии ҳуқуқ фаҳмиши расмии ҳуқуқ ҳосил мешавад. Яъне ҳуқуқ дар вобастагӣ бо давлат чун маҳсули давлат фаҳмида мешавад. Ҳуқуқ дар заминаи нуқтаи назари фалсафӣ, пеш аз ҳама фитрӣ-ҳуқуқӣ новобаста аз давлат, дар иртибот бо табиати инсон, Худованд ё чизи дигар, дар вобастагӣ бо ахлоқ ҳуқуқи инсон ва падидаҳои дигар таҳлил мешавад.

Гарчанде, ки дар илми ҳуқуқшиносии имрӯзаи Тоҷикистон донишҳои мукаммал оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд коркард карда шуда бошанд ҳам, аммо баъзе мушкилоте ҷой доранд. Қисми гуногуни мардуми Тоҷикистон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ менигаранд, аммо бархе аз ин гуна андешаҳо мумкин аст, нофаҳмиҳоеро ба миён орад. Масалан, дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли гуноҳ мутобиқи м. 212 Кодекси ҷиноятӣ, яъне вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт танҳо аз беэҳтиётӣ сурат мегирад. Вале аз нуқтаи назари оммавӣ агар садамаи роҳу нақлиёт ба вуқуъ пайвандад, масъалае ба инобат гирифта мешавад, ки оё ӯ тамоми талаботи қоидаи ҳаракати роҳро амалӣ карда буд ё не. Фарз кардем, ки гунаҳкор воситаи нақлиёти худро саривақт аз муоинаи техникӣ нагузаронида буд, пеш аз ба ҳаракат баромадан воситаи нақлиёти худро санҷиши соддаи техникӣ карда набуд, ки бо ин беҳаракатии худ қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон кард. Бо баробари ин ҳаракат баромада, дар роҳ талаботи ҳадди ниҳоии суръати ҳаракатро риоя накард дар натиҷа ба садамаи роҳу нақлиёт гирифтор шуда, кӯдакеро ба ҳалокат расонид. Гарчанде, ки қасди бевосита дар ин кирдор дида нашавад, ҳам гунаҳкор барои ин ҳодиса заминаҳои мустаҳкам гузошта буд. Ӯ ғайриқонунӣ будани кирдори худро медонист, оқибатҳои онро пешбинӣ мекард, дидаву дониста ба ин мусоидат кардааст, вале оқибати онро намехост. Аз нуқтаи назари оммавӣ кирдори зикргардида, қасди бавосита баҳогузорӣ карда мешавад. Аммо қонунгузор кирдори гунаҳкорро тибқи моддаи 212- и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст менамояд.

Қонунгузории мавҷуда мунтазам мукаммал гардида истодааст. Меъёрҳои ҳуқуқӣ тағйир ва нуқсонҳо дар қонунгузорӣ бартараф шуда истодаанд. Яъне низоми қонунгузорӣ пайваста дар таҳаввулот аст, вале шуур ва маърифатнокии ҳуқуқии мардум бетағйир қарор дорад. Мувофиқи он факте, ки даҳсолаи охир низоми ҳуқуқии кишвар куллан тағйир ёфт бори дигар исбот менамояд, ки барои фаъолияти минбаъдаи ҳуқуқшиносон, на маърифати ҳуқуқи динамикӣ (яъне ҳуқуқи расмӣ (дар қонун ифодаёфта)), балки маърифати статикӣ, яъне шуури ҳуқуқӣ, шуури адолат, эҳсосоти ҳуқуқ ва ақидаи ҳуқуқӣ лозим аст. Моҳият ва нақши ҳуқуқ на танҳо ба воситаи донишҳои назариявӣ, балки тавассути шуур ба воситаи ҷамъ намудани таҷрибаи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, донишҳо, ақидаҳо ва нуқтаву назари мутафаккирон, махсусан мутафаккирони миллӣ низ дарк шуданаш мумкин аст. Бинобар ин, тарбияти чунин шуури ҳуқуқӣ на танҳо вазифаи соҳавии барномаҳои ҳуқуқӣ, балки барномаҳои таърихӣ-назариявӣ низ мебошад, масалан, фалсафа ва назарияи ҳуқуқ, афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва ғайра.

# ЗАБОН - БАҚОИ

**Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои қадимтарини дунё ба ҳисоб рафта, бо заҳмат ва талошҳои фарзандони фарзонаи миллат ба мо омада расидааст. Эҳтиром гузоштан ба забон ва тозаву покиза нигоҳ доштани он вазифаи ҳар фарди соҳибхирад, соҳибфарҳанг, ватандӯст ва ватанпарвар ба ҳисоб меравад. Дар кишвари азизамон чун рамзи эҳтиром ба забони давлатӣ ҳамасола 5-уми октябр Рӯзи забони давлатӣ таҷлил карда мешавад. Аз ин рӯ, редаксияи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифт, ки андешаҳои донишҷӯёнро доир ба нақш ва мавқеи забони тоҷикӣ манзури хонандаи азиз ва гиромиқадр намояд.**

**Бобоҷон МАҲМУДЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**



Забон воситаи муҳимтарин алоқаи байни одамон аст. Забон ин яке аз нишонаҳои асосии миллат ва оинаи фарҳанги халқ маҳсуб меёбад. Арҷ гузоштан ба забони миллӣ нишони соҳибдавлативу соҳибмақомиро ифода менамояд. Тоҷикистон аз ҷумлаи чунин давлатҳоест, ки соҳибихтиёрии комили худро дорад ва ба гузаштаи хеш диққати махсус зоҳир менамояд. Махсусан, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мақом ва нақши забони тоҷикӣ баланд гардида, 5-уми октябр чун Рӯзи забони давлатӣ таҷлил карда мешавад.

Агар ба таърих назар намоем мушоҳида намудан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ дар аҳди Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён дорои мақоми хосае будааст. Бахусус, дар шаҳри илму фарҳанг, яъне Бухоро он дорои мавқеи шоистае буд, ки тавассути он илмҳои давр мавриди омӯзиш қарор мегирифтанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки забони тоҷикӣ се марҳилаи таърихиро сипарӣ намуда, бо заҳмату талоши фарзандони ҷонсупурдаи миллат ба мо омада расидааст. Новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта забони тоҷикӣ ташаккул ёфт.

Дар моддаи 2-и Конститутсияи ҶТ забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ эътироф гардида, дар заминаи он 5 октябри соли 2009 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пас аз тахрири нав қабул гардид, ки гувоҳи таваҷҷӯҳи пайвастаи давлату ҳукумат ба забони тоҷикӣ мебошад.

Аз ҳуд намудани забонҳои дигар низ аз аҳамият орӣ нест, зеро бе донистани забонҳои умумибашарӣ амалӣ намудани сиёсати пешгирифтаи давлат ғайриимкон аст. Амаликунандаи сиёсати давлат мо ҷавононем, ки оянди ин марзу буми аҷдодӣ аз мо вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки забонҳои гуногунро омӯзем ва дар пешрафти кишвар, инчунин бахри муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманди худро гузорем. Аммо ба тозагии забони модариамон аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намоем ва фаромӯш набояд кард, ки мо тоҷикем ва тоҷикзабонем. Рӯзи забони давлатӣ ба дӯстдорони забон ва ҳамватанони азиз фархунда бод!

**Комрон РУСТАМОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад.

Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад.

Забони тоҷикӣ ба сифати забони илму фарҳанг дар масири таърих шинохта шудаву аз он ба таври васеъ истифода менамуданд. Забони тоҷикӣ симо ва пайкараи миллати мо мебошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст. Забон нишонаи муҳимтарин дар ҳар халқу миллат шинохта шудааст, ки он пайвандгари наслҳост.

Барои он ки номи миллат дар саҳифаҳои таърих ҷовидон боқӣ бимонад,



онро зарур аст, ки забони худро ҳифз намояд. Аз ин рӯ, мо насли даврони истиқлолиятро зарур аст, ки аз ин ганҷинаи бебаҳои миллат истифода барем ва дар ҳифзу покиза нигоҳ доштани он пайваста талош намоем. Зеро забон шарти муҳимтарини пойдории давлат ба ҳисоб меравад.

Имрӯз баъзан ба мушоҳида мерасад, ки ҷавонон ҳангоми муошират вожаҳои забонҳои гуногунро истифода менамоянд, ки ин ба косташавии дилхоҳ забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ оварда мерасонад. Нигаронкунанда он аст, ки аксарияти чунин нафаронро ҷавонон ташкил медиҳанд ва онхо ояндаи миллатанд. Барои пешгирии ин амал зарур аст, ки мақомотҳои салоҳиятдор ҷораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

**Ҷамолуддин ФАЙЗАЛИЕВ**
**донишҷӯи соли 1**



Забон воситаи мубодилаи афкор дар байни одамон аст. Забон барои он офарида шудааст, ки одамон бо якдигар сухан намоянд, ҳамдигарро бифаҳманд ва илм омӯзанду фарҳанги маънавии худро баланд гардонанд. Ҳастии ҳар халқу миллат пеш аз ҳама забони модариаш мебошад. Забон пояи миллат аст. Ҷомеа бидуни забон ва забон бидуни ҷомеа вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, баробари инкишофи ҷомеа забон низ ташаккул меёбад ва вожаҳои навро дар худ мустаҳкам менамояд.

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳоест, ки таърихи бой ва ғанӣ дорад. Махз бо забони ноби тоҷикӣ ҳазорҳо шоирону нависандагон ва олимону донишмандон асарҳои безавол эҷод намудаанд. Шукргузор аз онем, ки имрӯз бо ин забони аҷдодӣ дар кишвари азизамон озодона сухан меронем. Забони тоҷикӣ имрӯз натанҳо дар ҶТ, балки берун аз он низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар сокини кишвари азизамон аст.

Аз ин рӯ, мо ҷавононро зарур аст, ки забони модарии худро ҳифз ва эҳтиром намуда, барои бештар пахн гардидани он дар арсаи ҷаҳонӣ пайваста талош намоем.

**Умедҷон ШАРИПОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Забон беҳтарин ганҷест барои ҳар як давлату миллат. Мо насли даврони истиқлолро зарур аст, то забони давлатии худро поку беолоиш нигоҳ дорем ва дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоем. Боиси ифтихор аст, ки мо шаҳрвандони ҶТ дар ин даврон озодона сухан менамоем ва ифтихормандем аз он хастем, ки бо ин забон Рӯдакиву Саъдии бузург сухан гуфтаанд. Аз ҳамин лиҳоз, моро мебояд забони худро, ки таърихи хеле куҳан ва қадим дорад, аз ҳама ночуриҳо нигоҳ дорем, инчунин барои пос доштани забони давлатиамон ҳастии худро дареғ надорем. Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромадашон оид ба пос доштани забони давлатӣ таъкид мекунанд. Моро зарур аст, ки суханони Пешвои миллатро аз хотир набарорем ва ҳамеша талош намоем, ки забони миллиамонро ба наслҳои минбаъда тоза расонем.

Омӯхтани забонҳои хориҷӣ вақте имконпазир мегардад, ки шахс забони модариашро хуб медонад. Аммо донистани забони хориҷӣ маънои онро надорад, ки мо вожаҳои онро бо вожаҳои забони тоҷикӣ омезиш диҳем ва покии забонамонро халалдор созем. Донистани забони хориҷӣ имконияти хубест бахри муаррифии забони миллӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ. Аз ин рӯ, ҳар ҷавони соҳибхирадро зарур аст, ки дар баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тарғиб ва муаррифии забони тоҷикӣ саҳми арзишманддошро гузорад.

# МИЛЛАТ

**Ҳилолиддин ХОҶАЕВ**
**донишҷӯи соли 1**



Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар миллат ба ҳисоб меравад. Инкишофи рушди забон нишондиҳандаи пешрафти миллат ва давлат аст, зеро давлатро бе забон тасаввур кардан ғайри имкон аст. Забон дар маҷмӯъ як қисмати муҳим ва ё ба ибораи дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо ба шумор меравад. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ “Забони миллат – ҳастии миллат” қайд кардаанд: “Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад”. Имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллӣ ва давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот қарор дорад. Муҳимтар аз ҳама, имрӯз забони давлатӣ дар кишвари азизамон ба рамзи ҳамбастагӣ ва иттиҳоди воқеии тамоми сокинони Тоҷикистон мубаддал гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди СММ бо ин забон сухан мегӯянд. Ин гувоҳи он аст, ки ҷаҳон забони моро эътироф кардааст. Имрӯз ҷавонон дар баробари донистани забони модарии худ ба омӯхтани дигар забонҳо машғуланд ва дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Аз таърих огаҳӣ дорем, ки дар тӯли садсолаҳо забони давлатдорӣ ва коргузории давлатҳои Саффориённу Сомониён забони тоҷикӣ ба ҳисоб мерафт ва дар баробари ин, забони расмии дигар давлатҳо ба монанди Ғазнавиёну Салҷуқиён, Қарахониёну Хоразмшоҳиён, империяҳои бузурги муғулии Чағатоиёну Темуриён ва Туркони усмонӣ, шайбониёну аштархониҳо ва Манғитиҳо забони форсӣ-тоҷикӣ буд. Ин аст, ки аксари сулолаву давлатдориҳои фавқуззикр забони форсӣ-тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ ҳисобида, марказҳои илмиву адабии дарбор ва замони салтанати худро аз ҳисоби шоиру олимон ва ҳакимони тоҷику форсзабон зебу орои илмиву маърифатӣ медоданд. Сарварии ҳамаи марказҳои илмиву адабии аксари қитъаҳои Осиёву Ҳиндустон ва қисмате аз мамлакатҳои Аврупои Шарқиро то сарҳадоти Муғулистон ва қисмате аз Чину то сарҳадоти ҷанубии Россияро тоҷикон-форсзабонони соҳибфазлу соҳибмактаб сарварӣ ва раҳнамоӣ мекарданд. Пас, беибо хулосаи таърихӣ ин аст, ки забони тоҷикӣ дар тули ин солҳо дар баробари забони давлатдориву коргузорӣ, вазифаи васлгарии халқияту миллатҳои гуногунро низ ба ҷо овардааст.

**Неъматулло АМОНЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Забон ин воситаи муоширати байни одамон мебошад. Забони модарӣ ин неъмати бузургу муқаддас аст, ки барои ҳар як инсон баробари пайдо шудани ҷон дар бадан ба вуҷуд меояд. Тоҷикон аз азал як миллати бузургу бофарҳанг ва соҳибмаърифат ба ҳисоб меравtotrанд. Забони тоҷикӣ забоне мебошад, ки бо заҳмату талошҳои фарзандони фарзонаи миллати тоҷик ба мо омада расидааст.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “ Танҳо забон аст, ки дар ҳамаи давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад”. Воқеан, танҳо забон аст, ки мо аз таърихи гузаштаи худ бохабарем ва дарк менамоем, ки гузаштагони бузурги мо бо ин забони ширин асарҳову адабиёти зиёде мерос гузоштаанд ва имрӯз мо аз онҳо самаранок истифода мебарем. Хушбахтона, имрӯз забони давлатии моро дар арсаи байналмилалӣ эътироф мекунанд ва моро ҳамчун як халқияти бузург мешиносанд. Аз ҳамин сабаб, мардуми мо дар баробари донистани забони модарии худ боз бо якчанд забонҳои хориҷии дигар низ ҳарф мезананд, ки ин аз бузургӣ ва пешрафти забони азизамон шаҳодат медиҳад. Конститутсияи ҶТ, ки яке аз қонунҳои волотарин ба ҳисоб меравад дар моддаи 2 қайд шудааст, ки забони давлатии ҶТ забони тоҷикӣ аст.

Миллате, ки забон надорад дорои фарҳангу тамаддун нест ва мо ифтихор аз он мекунем, ки соҳиби забон, фарҳанг ва тамаддуни олӣ мебошем.

**Мирзобек ШАРИПОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Забон яке аз нишонаи асосӣ ва муҳимми ҳар миллату давлат ба ҳисоб меравад. Забон аломати барҷастаи маданияти миллӣ мебошад. Мероси гаронбаҳову нотакрори фарҳанги миллат дар забон ифода мегардад. Бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки ҳама гуна фаъолияти инсон дар ҷомеа тавассути забон сурат мегирад. Ба ибораи дигар забон воситаи муҳимтарини таҳаввулоти ҷамъият мебошад. Бесабаб нест, ки мутафаккири бузург Мирзо Абдуқодири Бедил фармудаст, ки аз ибтидо то интиҳо ҳама кори олам дар ҳукми забон аст.



**Аз азал то абад, чӣ нав**
**чӣ куҳан**
**Буд маҳкуми иқтидори**
**сухан.**

Баъзан иброз менамоянд, ки бо баробари аз байн рафтани давлат забони он низ аз байн меравад. Аммо осори хаттии ин ё он давраи таърихӣ мусоидат менамояд, ки забон побарҷо бимонад ва дар заминаи он натанҳо таърихи забон, балки таърихи миллатро ошкор намудан имконпазир аст.

Бо баробари ба даст овардани истиқлолият забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ эътироф гардид. Имрӯз забони тоҷикиро шаҳрвандони давлатҳои гуногун меомӯзанд, ки боиси ифтихори мост. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбари СММ бо забони ноби тоҷикӣ сухан меронанд ва ин гувоҳи эътирофи забони мо дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

**Исфандиёр ҲАСАНОВ**
**донишҷӯи соли 1 (ФҲҲ)**

Чун мо дар ҳаёти ҳаррӯзаамон, аз забони поку беолоиши модариамон истифода мебарем, банда тасмим гирифтам дар васфи ин забони ширини тоҷикӣ якчанд сухане баён карда бошам. Забони тоҷикӣ пеш аз ҳама забони родмардони шуҷои таърихӣ аст, ки барои ҳифзи миллат ва пойдории он хизматҳои шоистае кардаанд. Миллати тоҷик дар масири таърих баъди давлатдории Сомониён, дар радифи миллатҳои гуногун қарор дошт, вале бо вуҷуди ин забон ва фарҳангашро хушбахтона аз даст надод.



Дар солҳои истиқлолият забони тоҷикӣ мақоми забони давлатиро гирифт ва қадру манзалати он боз ҳам баландтар шуд. Мо халқи тоҷик, бахусус ҷавонон бояд забони модариамонро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Душманон агар хоҳанд, ки миллатеро аз байн баранд аввал забон ва фарҳангашро нобуд месозанд».

Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки ин суханони Пешвои миллатро гиромӣ дошта, баҳри пойдории ин забони бою куҳан пайваста кӯшем то ки мавқеи забони давлатии хешро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар бардорем.



# ТЕРРОРИЗМ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ



**Маъруф АШӮРОВ
донишҷӯи соли 5**

Яке аз зуҳуротҳое, ки дар ҷаҳони муосир ба проблемаи рӯзмарра табдил ёфтааст, ин терроризми байналмилалӣ мебошад. Барои дарк кардани моҳияти ин зуҳурот ба мо баррасӣ намудани таърихи пайдоиш, шаклгирӣ ва намудҳои он лозим меояд.

Истилоҳи террор аз вожаи лотини "terror" гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ мазмунан маънои тарс, даҳшат, ҳаросро ифода мекунад.

Дар байни муҳаққиқон оид ба замони пайдоиши терроризм гуногунақидагӣ ҷой дорад. Онҳое, ки ҳама гуна куштори сиёсиро чун терроризм эътироф менамоянд, дар асоси ин маҳак онро ба замони антиқа марбут медонанд. (У.Пакер) Гурӯҳи дигар терроризмро зуҳуроти охири асри XX медонанд. (И.Александр)

Таърихнигори фаронсавӣ М.Ферро терроризмро бо фаъолияти махфии исмоилияҳо (махсусан ассасинҳо) дар асрҳои 11-12 алоқаманд медонад. Н.Неймарк бошад, пайдоиши ин зуҳурротро ба давраи пас аз Ислоҳоти напалеонӣ вобаста медонад.

Королев А.А. қайд менамояд, ки ҳанӯз 340 сол пеш аз солшумории мо падари Искандари Мақдунӣ дар натиҷаи амали террористӣ ба ҳалокат расонида шудааст. Таҳлилгарони дигар аввалин гурӯҳи муттташаккили террористиро гурӯҳи муттташаккили яхудии Сикариев (ханҷардорон), ки дар асрҳои 1 то милод дар Яҳудия амал мекард, эътироф менамоянд. Аъзоёни ин гурӯҳи террористӣ намояндагони донишмандони яҳудиро, ки мехостанд бо римиҳо сулҳ баста шавад, ба дуршавӣ аз дин ва нодида гирифтани манфиатҳои миллӣ гунаҳгор дониста, ба қатл мерасониданд. Онҳо ба сифати силоҳ, ханҷар ё "сику"- шамшери кӯтоҳро истифода мебурданд. Дар фаъолияти сикариевчиён унсурҳои фанатизми динӣ ва терроризми сиёсӣ ба чашм мерасид.

Дар асрҳои миёна ташкилоти террористие, ки дар инкишофи тактикаи пинҳонкорӣ, диверсия ва истифодаи зӯроварӣ чун воситаи иҷрои мақсад нақши бориз гузоштааст, ин ассасинҳо мебошанд. Тақрибан соли 1090 милодӣ Ҳасан ибни Саббоҳ Қалъаи Аламутро, ки дар дараи кӯҳии самти шимолии шаҳри Ҳамадон (Эрони имрӯза) ҷойгир аст, ишғол менамояд ва ба қароргоҳи худ табдил медиҳад.

Аъзоёни ин ташкилот фаъолияти худро дар ҳудуди баҳри Миёназамин то халиҷи Форс густариш дода, дар мудати тӯлонии амалиётҳои худ шумораи зиёди халифаҳо, султонҳо, руҳониёни бонуфуз ва мансабдорони баландмақоми давлатиро ба қатл расонидаанд (Масалан, қатли сарвазир ва олими машҳур Низомулмулк). Бо ин амалҳои ин ташкилоти террористӣ дар дарбори шоҳону ҳокимони он замон тарсу харросро ба вуҷуд оварда буд .

Сиёсатшиносон терроризмро дар замони нав ва навтарин ба чор ҷараён ҷудо менамоянд:

1. Дар робита бо паҳншавии идеяҳои инқилобӣ, ки солҳои 1880-ум дар Руссия, Аврупо ва баъдтар дар Америкои Шимолӣ ба миён омадааст ( Халкчиёни рус, Фенҳои ирландӣ );
2. Дар робита бо ҳаракатҳои зиддимустамликавии миллӣ озодиҳоҳии асри XX;
3. Дар робита бо фаъолияти "чапҳои нав" дар солҳои 1970-ум;
4. Дар алоқамандӣ бо глобализатсия, ки дар охири солҳои 70-ум ба миён омада, то имрӯз идома дорад (масалан, терроризми динии муосир).

Вобаста ба маҳакҳои гуногун намудҳои терроризмро метавон чунин таснифбандӣ намуд:

1 ) Характери субъекти фаъолияти террористӣ:

А) фардӣ - дар ин ҳолат амали террористӣ (ҳатто якчандто)-ро як ё ду шахс, ки дар пушти онҳо ягон намуд созмонҳо қарор надоранд, анҷом медиҳанд (Димитрий Коракозов, Вера Засулич);

Б) муташаккилона ва ё гурӯҳӣ - фаъолияти террористӣ, банақшагирӣ ва амалигардониашро як ташкилот анҷом медиҳад. (эссерҳо, ДИИШ, Ал-Қоида). Ин намуди террористӣ дар замони муосир паҳншудатарин аст.



2 ) мақсади фаъолият:

А) миллӣ – ҷудоихоҳӣ ё мақсадҳои миллӣ – озодихоҳиро думболагирӣ менамоянд;

Б) динӣ метавонад дар мубориза байни динҳо (мусулмонҳо ва яхудиҳо), ё дар дохили як дин (суннӣ ва шиа), ё ин ки бо мақсади табдили ҳокимияти дунявӣ бо динӣ анҷом дода мешаванд;

В) вазифаҳои идеологӣ, иҷтимоӣ - мақсади тағйири системаи иқтисодӣ ё сиёсии кишварро доранд. Баъзан ин намуди терроризмро инқилобӣ низ меноманд. Ин таснифбандӣ шартӣ мебошад.

Якчанд таҳлилгарон ва журналистон ҳамчунин чунин намудҳои терроризмро пешниҳод намудаанд:

- терроризми мухолифони давлат, терроризми давлатӣ, терроризм чун самти сиёсати сатҳи давлатӣ;
- терроризми фардӣ, -нисбати шахси муайян, масалан, Индира Ганди, Анвар Садот;
-терроризми оммавӣ – нисбати шахсони ногаҳонӣ (таркиш дар Москва, Истамбул);
-терроризми ҷиноятӣ.

Оламе маҷуда чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз дар ҳар як зинаи тараққиёт дучори хазорон падидаҳои ғайримуқаррарӣ гардидааст, ки баъзеи ин падидаҳо худ омили бавуҷудоварандаи зинаи нави рушди олам мегардиданд. Ҳамаи ин зуҳурот ҳамқадами инсон ва ҷомеа буда, доимо дар олам чун занги таҳдид садо медиҳад, ки дар байни онҳо терроризм ҷои махсусро соҳиб аст.

Терроризм ин амалҳои ғайридавлатии зӯроварӣ ё ин ки таҳдиди зӯроварӣ бо ҳадафи ба воҳима овардани ҷомеа, ба вуҷуд овардани тағйиротҳои сиёсӣ, таъсир расонидан ба режими давлатдорӣ ва дигар кардани ҳокимияти давлатӣ мебошад. Терроризм дар ҳамаи шаклҳо навъҳои баамалоияш амнияти давлатҳо ва шаҳрвандони онҳоро халалдор мекунанд, инчунин баъди сар задани чунин амалҳо дар пайи худ нохушиҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва ба оммаи мардум зарбаи калони психологӣ мерасонад.

Дар бораи терроризм ҳарф зада бояд қайд кунем, ки дар замони муосир ин падида ҳамчун амали бад ва хатари умумиҷаҳонӣ дониста мешавад ва танҳо бо муттаҳидии тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба ин падидаи манфур истодагарӣ карда метавонем. Бисёре аз таҳлилгарон онро бо Исломи радикалӣ, фундаменталӣ мепайванданд, ки мақсади онҳо бархамдиҳии давлатҳои (хукуматҳои) дунявӣ ва хукуматҳои исломие, ки ба андешаи онҳо бо ном исломианд, инчунин тамаддунҳои зеҳние, ки дар бунёди хилофати исломӣ монеъ мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 апрели соли 2013 чунин таъкид шудааст: "Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувох аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра хаст. Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меоранд". Дар шароити кунуни ҳаётии ҷомеаи ҷаҳонӣ, торафт шиддат гирифтани равандҳои ҷахонишавӣ, дар минтақаҳои гуногуни олам паҳн шудани таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили терроризму ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ ва дигар равияҳои барои инсоният хатарнок ва баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, мо бояд пайваста



# ВА МЕХАНИЗМИ ПЕШГИРИИ ОН

саъю талош варзем ва кӯшиш намоем, ки арзишҳои миллӣ, устувории пояҳои давлатдориамонро фидокорона ҳифз намоем. Чунки хушунати экстремизм ва терроризм сол то сол боз ҳам васеътар гардида, дар аксар мавридҳо инкишофи ин зуҳурот аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро бо ҳистифода аз эътиқоди динии аҳолӣ ва номукаммал будани дониши динии ҷавонон ба амал баровард мешавад.

Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни баромаданашон дар конгресси СММ "Доир ба барҳам додани ҷинояткорӣ ва ҷавобгарии онҳо", 13 апрели соли 2000 дар шаҳри Вена (Австрия) таъкид намуда буданд, ки "Мо терроризмро дар ҳама шаклҳои зуҳураш маҳкум менамоем ва зарур мешуморем, ки тамоми қувваҳои солими ҷаҳонро бахри барҳам додани ин хатар дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дараҷаи миллӣ сафарбар намоем".

Мавзӯи мазкурро мо таҳлил намуда, ба масъалаи дигар рӯ ба рӯ мегардем, ки имрӯзҳо дар доираи матбуоти даврии кишварҳои Ғарб ба таври васеъ дар мариди бо ҳам шарик будани дини ислом ва амалиёти экстремистӣ-террористӣ менависанд. Инчунин сурат гирифтани ҳолат, аслан амали тарғиботи ғаразноки давлатҳои Ғарб нисбати арзишҳои дини ислом буда, торафт боиси ноороми ва норозигии аҳолии давлатҳои исломӣ гардида истодааст, ки аксарияти онҳо аз дини ислом пайравӣ намуда, бо расму суннат ва фарҳанги ислом ҳамқаринанд.

Ислом дини муқаддасест ва он ҳамеша ба роҳи дӯстиву рафоқат, ростгӯиву росткорӣ ва некхоҳӣ даъват мекунад. Дар сураи Тавба, ояти 119-и Қуръони Карим омадааст: "Эй мӯъминон, аз Худо битарсед ва бо ростгӯён бошед". Ҳамчунин дар сураи Ҳуҷурот ояти 10 мехонем: "Ҷуз ин нест, ки мӯъминон бародарони якдигаранд, пас миёни ду бародари хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то бар шумо раҳм карда шавад".

Оид ба масъалаи муносибати ислом ба экстремизм Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон иброз дошта буданд, ки "Бисёр хатои маҳз мебуд, ки агар мо зуҳуроти экстремизм ва терроризмро бо ислом алоқаманд намоем. Барои он ки дини поки исломро ба сифати манбаи зӯроварӣ нигоҳ накунем, мо бояд дар ивази он таҳаммул ва бардошти якдигарро гузорем ва ба ҷои рақобату зиддияти




якдигарӣ гуфтугӯи тамаддунҳоро ба роҳ монем."

Нуктаи назари дигарро низ бояд таъкид кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва аз ҷумла, Президенти кишварамон солҳои охир дар мавриди арҷгузории арзишҳои исломӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Аз ҷумла, ҳама идҳои асосии исломӣ мақоми давлатӣ гирифтанд, ҳама институтҳои фарҳанги исломӣ инкишоф ёфта, принсипи озодии эътиқод воқеан амалӣ мегардад. Бо ташаббуси шахсии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон охири солҳои 90-уми асри гузашта китоби муқаддаси дини ислом "Қуръони карим" ба забони тоҷикӣ бо алифбои кириллӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон аз чоп баровард шуд. Бори дуюм бошад, бо имконияти Ҳукумати кишвар дар соли 2008 ин китоб бо забони тоҷикӣ бо ададӣ басанда ба ҳар сари оилаи тоҷик ба табъ расид, ки имконият фароҳам овард, то хонандаи тоҷик ба моҳияти фарҳанги ислом аз наздик шинос шавад. Бо роҳандозӣ аз ин амал ва боз чопи асарҳои дигар бузургони аҳли дин, фарҳанги динии аҳолӣ баланд мегардад ва боиси он мегардад, ки намояндагони аҳли дин ба моҳияти аслии ислом шинос гарданд ва аз роҳи додашавӣ ба ислом (фанатизми динӣ) ва дигар каҷравиҳои динӣ канорачӯӣ намоянд. Соли 2009 эълон гардидани соли Имоми Аъзам дар Тоҷикистон нишони арҷгузорӣ ба арзишҳои исломӣ мебошад.

Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатар ба миён овардааст. Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи "сиёсати дугона" нисбат ба терроризм ва экстремизм самараноки кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди равандҳои номатлуб ва хатару таҳдидҳои муосир дар минтақа дар сафи пеш қарор дорад. Ҳукумати кишварамон барои мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм "Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020"-ро тасдиқ кард, ки бар асоси он мубориза бар зидди ифротгароӣ ва зӯроварӣ пурзӯр карда мешавад. Ҳар фарди кишвар, аз он ҷумла ҷавонон бояд ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва истиқлолияти ватани азизамонро ҳамаҷониба қадр намуда, ба ҷунин арзишҳои муқаддас арҷ гузоранд. Стратегияи миллии ҶТ Оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии ҶТ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мубориза бар зидди ҳама гуна зуҳуроти реаксионии динии экстремистӣ-террористӣ, ки бехатарии давлат ва низоми демократии онро халалдор менамоянд, хеле муҳим буда, роҳу воситаҳои худро дошта, имрӯзҳо ба яке аз самтҳои сиёсати давлатии мо табдил ёфтааст. Барои пойдории сулҳу субот, оромиву осудагӣ дар Тоҷикистони азизамон фикр мекунем, ки яке аз роҳҳои асосии мубориза бар зидди терроризм, ин дар замири ҷавонон тарбия кардани ҳисси ватанхоҳиву меҳанпарастӣ мебошад. Инчунин дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ кардани дарсҳои одоби ҳамида ва амсоли он сабаби кам шудани ходисаҳои нохуши ғайриинсонӣ мегардад. Чуноне ки Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 60-солагии ЮНЕСКО дар Париж пешниҳод карда буданд, солҳои наздик бояд "Солҳои ахлоқи ҳамида дар тамоми сайёра" эълон шавад ва дар чараёни он унсурҳои бехтарини ахлоқи умумиинсонӣ таблиғ карда шаванд.



Атобилло РАҲИМҶОНОВ
донишҷӯи соли 5

Дар хулосаи худ гуфтани хастем, ки оид ба мавзӯи мазкур ва бо назардошти гуфтаҳои боло барои пешгирӣ ва мубориза бурдан барои бартараф кардани ин гуна гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ чунин пешниҳод дорем:

1. Идеяҳои муқтадири зидди террористиву экстримистӣ дар шакли дастурамал таҳия карда шаванд;
2. Мутахассисон (идеологҳо, муҳаққиқон, исломшиносон, сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон ва ғ.) дар муҳлати кӯтоҳтарин бо тамоми қишрҳои ҷомеа дар ҳамгирои фаъолият карда, афкори таҳрифшудаи террористиву экстремистиро ба мардум фаҳмонанд;
3. Субъектони амалисозандаи фаъолияти зиддитеррористиву экстремистӣ бо воситаҳои моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ таъмин карда шаванд.
4. Ташкили босуботи ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ таъмин карда шавад;
5. Механизми дурусти назорати иҷроиши қарорҳои қабулшуда ва баҳогузорӣ ба манфиатнокии чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти фаъолияти террористиву экстремистӣ коркард шавад;
6. Дар хориҷи кишвар фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ, кор бо диаспораҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ бештар ба роҳ монда шавад;
7. Ба назар гирифтани омилҳои психологӣ-сиёсӣ дар давраи мубориза ва пешгирӣ аз ин чараёнҳо, зеро аксарияти пайравони онҳо ҷавонон мебошанд;
8. Баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва ходимони дин;
9. Ба меҳнати самарабахш фарогирии ҷавонон, ташкили ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон ва ғайра.



# МАҚОМОТИ НОТАРИАТИ ДАВЛАТӢ

Дар низоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҶТ мақомоти нотариат мавқеи худро дорад. Идораҳои нотариалӣ дар рафти фаъолияти худ аз номи ҶТ баромад карда, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро ҳимоя менамоянд. Фаъолияти нотариати давлатӣ дар асоси принсипҳои қонуният, инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи шахсият ва ҳуқуқи инсон бо ҷавобгарии шахсии ҳар шахси мансабдоре, ки амалиёти нотариалиро анҷом медиҳад, сурат мегирад. Фаъолияти нотариат фаъолияти соҳибкорӣ набуда мақсади ба даст овардани фоидаро надорад. Идораҳои нотариалӣ дар шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон, вилоятҳо ва ғайра амал мекунанд. Шахсоне, ки амалиёти нотариалиро анҷом медиҳанд Сарнотариусҳои давлатӣ, нотариусҳои калони давлатӣ ва ҷонишинони онҳо мебошанд. Амалиётҳои нотариалии шаҳрак ва деҳотро раиси ҷамоати шаҳрак ва раиси ҷамоати деҳот ба ҷо меоваранд.

Дар маҳалаҳои аҳолинишине, ки идораҳои нотариалии давлатӣ надоранд, амалиётҳои нотариалиеро, ки қонун пешбинӣ намудааст, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ба ҷо меоварад. Ба ҷо овардани амалиётҳои нотариалӣ дар давлатҳои хориҷа бошад ба зиммаи муассисаҳои консулии ҶТ гузошта шудааст. Идораҳои нотариалии ҶТ аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ ташкил ва барҳам дода мешаванд. Ба фаъолияти идораҳои нотариалии давлатӣ Вазорати адлияи ҶТ, раёсати адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раёсатҳои адлияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо назорат мекунанд. Барои беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои нотариалӣ, бойгонии нотариалии давлатӣ таъсис дода мешавад. Муҳлати муваққатан маҳфуз нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо дар бойгониҳои идораҳои нотариалӣ 3 сол мебошад.





Маҳмадроиб ТОҶИДДИНОВ
донишҷӯи соли 3

Мувофиқи моддаи 12-и Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ», ба мансаби нотариуси давлатӣ шаҳрванди ҶТ, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, дар идораи нотариалии давлатӣ таҷрибаи корӣ омухтааст ва имтиҳони тахассусиро супоридааст, қабул карда мешавад. Кормандони Вазорати адлияи ҶТ, раёсатҳои Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон ва вилоятҳо, ки ба масъалаҳои нотариат машғуланд ва дар ин соҳа 3 сол собиқаи корӣ доранд, бе супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ ба вазифаи нотариуси давлатӣ таъйин карда мешаванд. Нотариусҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазири адлияи ҶТ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамоянд. Нотариуси давлатие, ки бори аввал ба вазифа таъйин мешавад дар ҳузури ҳайати Мушовараи вазорати адлияи ҶТ савганд ёд мекунанд

Ба нотариусҳои давлатӣ аз рӯи ихтисос ва таҷрибаи корӣ рутбаҳои дараҷавӣ дода мешавад. Нотариусҳои давлатӣ 22 намгӯи амалиётҳои нотариалиеро, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ» муқаррар кардааст, ба ҷо меоварад. Номгӯи якчанд амалиётҳои нотариалӣ: 1) Тасдиқи аҳдҳо, шартномаҳо, васиятномаҳо, ваколатномаҳо; 2) Муҳофизати амволи меросӣ; 3) Додани шаҳодатномаҳо дар бораи ҳуқуқ ба мерос; 4) Додани шаҳодатномаҳо дар бораи моликияти умумии зану шавҳар; 5) Аз тасарруф соқит намудани ҳавлии истиқоматӣ ва дигар амволро манъ ва иҷозат медиҳанд; 6) Дурустии нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро тасдиқ мекунад; 7) Маблағҳои пулиро ба амонат қабул мекунад; 8) Номаҳои иҷроия таҳия мекунанд ва ғайра.

Муассисаҳои консулии ҶТ аз 22 номгӯи амалиётҳои нотариалӣ танҳо 17-тои онро анҷом медиҳанд. Ҳуҷҷатҳоеро, ки дар давлатҳои хориҷӣ бо иштироки ашхоси мансабдор тартиб додаанд, он аз ҷониби нотариусҳои давлатии ҶТ ба шарте қабул карда мешаванд, агар онро Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ба расмият дароварда бошад. Мувофиқи қ.3 моддаи 91-и Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ», идораҳои нотариалии давлатии ҶТ метавонанд ба мақомотҳои адлияи дигар давлатҳо бо супоришҳо дар бораи ба ҷо овардани амалиёти нотариалии ҷудогона муроҷиат намоянд.

# НАҚШИ КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ ДАР ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТ



Давлатманд ШАРОПОВ
донишҷӯи соли 3

Гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми сар задани ҷиноят ба вуҷуд меоянд, тавассути меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешаванд. Ин меъёрҳо баҳри ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ки нисбат ба онҳо ҷиноят содир карда шудааст, равона карда шудаанд. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои якчанд вазифа мебошанд ва яке аз онҳоро пешгирии ҷиноят ташкил медиҳад. Гарчанде, пешгирии ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии ҶТ вазифаи охирин нишон дода шуда бошад ҳам, аммо аз рӯи маъно вазифаи охирин ба ҳисоб намеравад. Файласуф ва ҳуқуқшиноси немис Чезариа Беккариа дар ин масъала чунин менависад: «Аз оне ки ҷазо медиҳанд, беҳтараш ҷиноятро пешгирӣ кунанд. Ин ҳадафи ҳар як қонунгузории хуб мебошад».

Пешгирии ҷиноят яке аз вазифаҳои асосии кодекси ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар навбати худ боз аз ду вазифаи дигар иборат мебошад, аз ҷумла вазифаи муҳофизаткунанда ва тарбиякунанда. Нақши ин вазифа бо расонидани таъсири психологӣ ба тафаккури шаҳрвандон бо роҳи таҳдиди ҷазо ва боваркунонии онҳо (таъини ҷазо) ба амал бароварда мешавад. Мазмуни чунин таъсиррасонӣ ба ҳама шахсон якхела набуда, балки аз муносибати онҳо ба кирдорҳое вобаста аст, ки КҶ онро манъ кардааст. Он дар шакли ҷазо, ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғайра татбик карда мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятӣ ду намуди пешгирии ҷиноятро дидан мумкин аст: пешгирии умумӣ ва махсус.



Пешгирии умумии ҷиноят нисбати шахсоне равона карда шудааст, ки ҳоло ҷиноят содир накардаанд. Он бо роҳи таъсир расонидан бо таҳдиди ҷазо, ки дар санксияҳои қисми махсуси КҶ нишон дода шудааст, ба даст оварда мешавад. Масалан, шахсе ҷинояти дуздӣ содир мекунад, ки дар натиҷа суд ба вай ҷазои 5 сол маҳрум сохтан аз озодиро таъйин менамояд. Ин ҷазо нисбат ба дигар аъзоёни ҷамъият, ки ҳоло ҷиноят содир накардаанд, ҳамчун огоҳӣ баромад мекунад.

Пешгирии махсус бошад, нисбати шахсоне равона шудааст, ки ҷиноят содир намудаанд. Чунин пешгирӣ бо роҳи таъйин намудани ҷазо, ки дар санксияи моддае, ки ҷинояткор онро вайрон кардааст, татбиқ карда мешавад. Масалан, шахс роҳзанӣ намуда, дар натиҷа ҳам ба саломатӣ ва ҳам ба моликият зарар мерасонад. Бо мақсади содир накардани ҷинояти нав ба вай бо моддаи 249-и КҶ (роҳзанӣ) ба ҷавобгарӣ кашида, 10 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Дар ин ҷо додани ҷазо ҳамчун пешгирии махсус баромад менамояд.

Пешгирии умумӣ ва махсуси ҷиноят бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Пешгирии умумӣ ҳангоми муваффақиятнок будани пешгирии махсус ба даст оварда мешавад. Яъне, агар таъини ҷазо боадолатона бошад, пешгирии умумӣ низ ба даст меояд. Инчунин, пешгирии ҷиноят бо дигар намуд чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ ва тарбиявидошта анҷом дода мешавад.

Вазифаи пешгирикунанда тавассути меъёрҳои ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят, пушаймонӣ аз кирдор ва ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, ба роҳ монда мешавад. Меъёри ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят ҷавобгарии шахсеро истисно мекунад, ки ҷиноятро оғоз кардаасту имконияти бемонеа ба охир расонидани ҷиноятро дарк намуда, бо ихтиёри худ аз анҷом додани ҷиноят даст кашидааст (масалан, ихтиёран озод кардани одами дуздидашуда). Дар меъёри пушаймонӣ аз кирдор бошад, агар шахси ҷиноят содирнамуда бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ё оштӣ шудан бо ҷабрдида зарари расонидаашро талофӣ намояд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, ки ин яке аз меъёрҳои ҳавасмандкунандаи КҶ мебошад.

# МУРОҶИАТ БА СУД – ВОСИТАИ АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚ БА ҲИФЗИ СУДӢ



Пайрав ИЗАТУЛЛОЗОДА
донишҷӯи соли 5

Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкамшудаи инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Чуноне ки аз муқаррароти моддаи 19-и Конститутсияи ҶТ бармеояд “ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд”. Ин меъёри конститутсионӣ ба муқаррароти моддаи 8-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 мутобиқат менамояд, ки дар он омадааст: “Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои баркарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад”. Дар баробари ин як қатор санадҳое мавҷуданд, ки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ қабул карда шуда, кафолати ҳуқуқ ба гирифтани ҳифзи судиро дар худ мустаҳкам намудаанд. Ба ин санадҳо Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон аз 4 ноябри соли 1950, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судиро чун ҳуқуқ ба баррасии одилонаи судӣ эътироф мекунад; Паймони байнахалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судиро ҳамчун баробарӣ дар назди суд ва даст ёфтан ба адолати судӣ муқаррар намудаанд ва дигар санадҳоро дохил намудан мумкин аст.

Аз таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ хусусияти комплексӣ дорад, яъне аз маҷмӯи дигар ҳуқуқҳое, ки амалишавии онро таъмин менамоянд, иборат аст.

Яке аз муҳимтарин унсури ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ин ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суд мебошад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба алоқамандии онҳо ақидаҳо гуногунанд. Масалан, бархе аз олимон ҳуқуқ ба ҳифзи судиро ҳамчун ҳуқуқи субъективии моддӣ оид ба гирифтани ҳифз, ки воситаи баамалбарории онро ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суд ташкил медиҳад, маънидод мекунанд. Дигар гурӯҳи олимон бошанд, аз ҷумла Курилов С.В моҳияти ҳуқуқ ба ҳифзи судиро аз ду нигох: якум, ҳуқуқи муроҷиат ба суд бо талаб кардани ҳимоя ва дуюм, ҳуқуқи гирифтани ин ҳимояро ҷонибдорӣ мекунанд. Аммо бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар худ натанҳо ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суд, балки ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ, иштирок дар баррасии парванда аз ҷониби суд, дар сурати норозӣ будан нисбат ба хулосаи суд ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суди болоиро низ дорост.





Таҳлили ин ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд суолеро ба миён оварданаш мумкин, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судиро маҳдуд кардан мумкин аст ё не? Тавре ки аз мавқеи Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ҳуқуқи мутлақ аст ва онро дар ягон ҳолат маҳдуд кардан иҷозат дода намешавад. Ин аслан аз таҷрибаи амалии ин мақомоти байналмилалӣ садо медиҳад. Яъне дар таҷрибаи он ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ мутлақ буда, ягон маҳдудият нисбати он ҷой надорад. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки шахсони ҳуқуқу озодиҳояшон вайронгардида ба он озодона муроҷиат намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ мафҳуми нисбатан васеъ буда, ҳуқуқи муроҷиат ба суд чун қисми ҷудонопазири он ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, дар худ ҳуқуқи пешниҳод намудани шикоят ё аризаро ба суд ва уҳдадории судро оид ба қабул ва баррасӣ намудани он низ доро мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки суд дар ҳама ҳолат арзу шикоятҳои қабулнамудаашро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бо муқаррар намудани он, ки дар ҳақиқат асос барои баррасии он мавҷуд аст, яъне факти вайрон гардидани ҳуқуқи шахс ҷой дорад ва ӯ ниёз ба ҳимояи судӣ дорад, муроҷиати шахс мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Бо ҳамин гуфтан мумкин аст, ки тавассути муроҷиат намудан ба суд шахси ҳуқуқаш вайронгардида метавонад ҳифзи онро таъмин намояд ва дар маҷмӯъ адолати судӣ барқарор карда шавад.

# ШАҲРИ ДИЛҲОӢ ДУШАНБЕ



Бахтовар АШӮРОВ
донишҷӯи соли 3

**Шаҳри паймони ман Душанбе,**
**Фахри даврони ман Душанбе.**
**Пояи ваҳдати тоҷикон,**
**Дар дилу ҷони ман Душанбе.**

Душанбе, чӣ қадар шаҳри зебову дилнишинӣ. Чандин ҳазор тоҷиконро дар оғӯши биҳиштосоят модарвор мепарварӣ. Мардумони миллатҳои мухталиф низ дар канорат шоду хуррам зиндагӣ намуда, аз гул-гул шукуфоият ангушти ҳайрат мегазанд. Агар туро модари дуюми худ ҳисобам, хато нахоҳам кард. Зеро агар модар маро ба дунё оварда, роҳ рафтану сухан гуфтанро омӯзонда бошад, пас дар дабистони илму маърифати ту донишу таълим гирифта, ба камол расидаам. Аз ҳавои софу беғуборат нафаси озод кашида, рӯи роҳҳои мумфаршу ҳамворат қадам мезанам. Аз ҳамин қадамзаниҳо дар роҳҳоят фалсафаи тай намудани роҳҳои зиндагиро дарк месозам. Аммо медонам, ки роҳҳои зиндагӣ шебу фарозҳо дошта, чун роҳҳои ту ҳамвор нестанд. Оё медонӣ бароям чӣ қадар арзиш дорӣ? Пойтахти Ҷумҳурии азизу ҷоноҷонамон Тоҷикистон ҳастӣ ва калонтарин шаҳри он маҳсуб меёбӣ.

Воқеан, шаҳри маҳбуби дилҳои ҳазорон нафар шаҳрвандони дохил ва хориҷ гардидаӣ. Васф намудани зебогиҳои ту аз имкон берун аст. Ҳазорон сайёҳ ҳамарӯза аз кӯчаҳои ту гузар менамоянд ва ангушти ҳайрат мегазанд, зеро дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ тавонистӣ симоятро ба таври куллӣ дигаргун созӣ.



Дар сомонаҳои иҷтимоӣ аз ободии ту, аз зебогии ту ва аз покизагии ту сухан меронанд ва туро монанд ба шаҳрҳои зебову пешрафтаи дунё мекунанд. Хушбахтарин фардам, зеро дар оғӯши ту зиндагӣ менамоям ва номи сокини пойтахтро соҳибам. Ваъда медиҳам, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ту ва муаррифии ту дар арсаи байналмилалӣ тамоми неруи инсониямро сафарбар менамоям ва ҳамеша фарзанди содики ту боқӣ хоҳам монд. То абад зебо бимонӣ, шаҳри ман!

# ПРОФЕССИЯ УЧИТЕЛЯ – ВСЕГДА В ПОЧЁТЕ

**“Учитель – профессия пророков”**
**(Восточная мудрость)**



Мехрона МИРБАБАЕВА
студентка 5-го курса

Профессия учителя, на наш взгляд, является основой всех добрых начал на земле. Не зря во все времена профессия учителя оставалось наиболее почётной, но в то же время и наиболее тяжёлой и ответственной. Необходимо отметить, что с момента зарождения исламской религии профессия учителя являлось самой авторитетной и благородной. Так, Пророк Мухаммад (мир ему и благословение!) сказал: «Учитель – это человек, которого Аллах определил для спасения других людей». В хадисе, переданном Али (мир ему и благословение!), говорится: « В знак уважения отца и учителя вставай, когда они входят, даже если ты падишах». Более того, профессия учителя согласно культуре Ислама является весьма и весьма значимой и важной. Ведь сфера влияния его профессия учителя охватывает общество, целый народ и можно сказать весь мир. В 32 аяте суры Ал-Маида (Трапеза) Всевышний повелевает: « ... Если кто- либо убьет человека не в отместку за [убийство] другого человека и [ не в отместку] за насилие на земле, то это приравнивается к убийству всех людей. А тот, кто спасёт человека от смерти, тот словно оживил всех людей ...», (Коран 5:32). Поэтому воспитание и направление человека на путь истины приравнивается к спасению и оживлению всего человечества. В свою очередь, если кто - либо введёт в заблуждение человека, или собьёт его с пути, это приравнивается к уничтожению всего человечества. В этой связи, рассказывают, что некто пришёл к Имаму Саджаду и пожаловался на убийцу своего отца и намеревался отомстить ему по принципу кровь за кровь. Его светлость Имам Саджад спросил: « Разве этот человек не служит тебе, почему бы тебе не взять вместо мести полагающуюся компенсацию (дия)?». Мужчина ответил: «Он несколько дней был моим учителем, но это не может помешать мне отказаться от мести». Его светлость сказал: «Что ты говоришь? Цена обучения и образования превыше крови (мести)». Тот мужчина послушал его светлость и простил убийцу.

Таким образом, профессия учителя - это древнейшая и уникальная профессия. Следует также отметить, что роль учителя в современном обществе сегодня ещё больше возрастает. Ныне учитель - это даже не только профессия, но и образ жизни и осознание огромной ответственности перед государством, обществом, и прежде всего - перед учеником. И от того, какими станут эти дети, зависит будущее каждой нации. В этой связи, уместно было бы вспомнить мудрые слова великого русского писателя А.П. Чехова, который говорил, что обществу «необходим хороший, умный, образованный учитель: без широкого образования народа государство развалится, как дом, сложённый из плохо обожжённого кирпича». Исходя из этого, следует сказать, что каждая нация, которая хочет сохранить своё будущее, в первую очередь, должна прилагать максимум усилий и возможностей для подготовки и воспитания молодого поколения. Народы, которые не беспокоится о воспитании и обучении подрастающего поколения обречены на упадок.

В заключении, хотелось бы сказать, что мне в школьные и в студенческие годы повезло познакомиться с такими учителями, которые действительно помогли мне познать внутренний свой мир, сделав его богаче. Научили также уважать старших, следовать их советами. Сегодня они от меня многое ожидают, и эту ответственность перед ними я чувствую всегда. Я счастлива тем, что сделала свой выбор, и считаю её правильным. Мне нравится быть учителем. А быть учителем для меня – это важно, дорого и почётно.

В канун профессионального праздника – Дня учителя - хочется пожелать всем им крепкого здоровья, творческих успехов и удач! Желаю, чтобы их работа приносила им только радость и удовлетворение, и в их адрес всегда звучали слова благодарности и признания!

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ЯЗЫК В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ



Алина АСОЕВА
студентка 1-го курса

В современных условиях перспективы государственности прямо зависят от способности государства поддерживать и защищать национальную систему ценностей. Защита национальных ценностей является главной целью систем по обеспечению национальной безопасности. Как отмечают многие учёные: «Одним из важных факторов обеспечения национальной безопасности государства является государственный язык». Государственный язык - это язык государственного управления, законодательства, судопроизводства, а также делопроизводства, действующий во всех общественных сферах территории своего государства. Государственным языком Республики Таджикистан является таджикский язык, и потому вся жизнь государства и общества без него немыслима. В Таджикистане на таджикском языке пишутся все официальные документы, без которых не может существовать государство: тексты законов и разнообразные приказы, заявления о приеме на работу и анкеты, объяснительные записки и отчеты. Все эти документы должны быть написаны понятно и каждый гражданин страны должен уметь читать такие документы и при необходимости составлять их сам. Следовательно, каждый гражданин Республики Таджикистан имеет право на пользование родным языком, на свободный выбор языка общения, воспитания, обучения и творчества.



На сегодняшний день, долгом каждого гражданина Республики Таджикистан является овладение государственным языком, являющимся важнейшим фактором консолидации народа Таджикистана. Залогом стабильности и процветания является языковое единство таджиков, когда таджикский и русский языки являются символами взаимопонимания и взаимоуважения. Однако нужно иметь в виду, что восприятие таджикского языка в других странах и культурах во многом зависит от нашего собственного к нему отношения, от его состояния, его функционирования в обществе. Абсолютно справедливо считать, что одной из основ новой гражданской идентичности является знание всеми гражданами Таджикистана таджикского языка. Именно государственный язык способствует формированию духовного мира общества и человека, способствуя духовному развитию, как общества в целом, так и различных его групп. Государственный язык, таким образом, выступает неким концентратом языкового сообщества.

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ДОКАЗЫВАНИЯ



Мухаммад КАРИМОВ
студент 4-го курса

Использование результатов ОРД в качестве доказательств по уголовным делам занимает важное место. В настоящее время, основным нормативным правовым актом позволяющий формировать доказательств на основе информации, полученной путём ОРД является Закон Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности».

Результаты ОРД - это фактические данные получены оперативными подразделениями в установленном законом порядке о лицах, подготавливающих, совершающих или совершивших правонарушение, а также событиях или действиях создающие угрозу национальной безопасности.

Относительно признания результатов ОРД в качестве доказательств, то следует обращать внимание на уголовно-процессуальное законодательство РТ, в частности УПК РТ. На основании статьи 84 УПК РТ – полученные результаты ОРД, могут быть признаны доказательствами при условии, если они получены с соблюдением требований УПК РТ, то есть, если результаты оперативно-розыскных мероприятий были получены до возбуждения уголовного дела, то они не обладают никакой юридической силой при доказывании. Проведение любых оперативных мероприятий и их результатов не могут быть признаны в качестве доказательств, если не возбуждено уголовное дело. Как известно возбуждение уголовного дела - это начальная стадия уголовного процесса, которая запускает механизм и приводит его в движение, создает правовую основу для выполнения процессуальных действий в последующих стадиях.

На основании вышеизложенного любые результаты, если они получены до возбуждения уголовного дела, то они считаются недопустимыми. В соответствии со статьёй 88 ^1 прим. УПК, доказательства признаются недопустимыми, если они получены с нарушениями требований уголовно-процессуального законодательства.

Говоря о недопустимости, здесь речь идет о свойствах доказательств. Одним из свойств доказательств является допустимость. Допустимость доказательства означает его законность, то есть получение и использование в соответствии с правилами, установленными УПК.

Результаты ОРД в соответствии со статьёй 11 Закона РТ “Об оперативно-розыскной деятельности”, могут служить основанием для возбуждения уголовного дела, однако это не означает, что её результаты будут признаны в качестве доказательств.

После возбуждения уголовного дела, в случае использования в уголовном деле результатов ОРД в качестве доказательств, то должностные лица органов осуществляющих ОРД, могут подлежать допросу об их подлинности, происхождении и обстоятельствах их получения.

Таърих бисёр забонҳои миллиеро медонист, ки бар асари ин ё он воқеа ва таҳаввулоти сиёсию маданӣ ному нишони худро аз даст додаанд ва имрӯз аз онҳо ҳарфе ҳам боқӣ намондааст. Аз рӯзи аввал ҳар як халқият забону гуфтори ба худ хосае дошт, ки инъикосгари маданият ва ҳамчун қавми махсус будани он буд. Бо мурури замон як қатор халқиятҳо дар масири таърих аз забони хеш, ки омили ҳастии номи миллат мебошад, бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ маҳрум гардиданд. Яке аз омилҳои асосӣ, ки таърих онро хуб дар ёд дорад ин таъсироти сиёсӣ ва идеологӣ мебошад. Халқиятҳое, ки имрӯз дар сарзамини Шарқи Наздик, махсусан дар Сурияву Ироқ ва Миср умр ба сар мебаранд, замоне забон ва фарҳанги ба худ хосеро доро буданд. Имрӯз онҳо бо номи арабҳо, ки забонашон дар натиҷаи паҳншавии фарҳангу идеологияи араб арабӣ гардид, аз ҷониби оламиён шинохта мешаванд. Куҷо шуд он тамаддуни Мисри Қадим, ки асоси пешрафти он забони мисрӣ буд?

# ЗАБОН – СИПАРИ МИЛЛАТ



Ҷамолиддин ШАРИПОВ
ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик

Гарчанде "ҷаҳонишавӣ" мафҳуми асри навин махсуб меёбад, вале он таърихи қадимае дорад. Рафти амалӣ гардидани ҷаҳонишавӣ дар таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна хусусиятҳои хоси худро дошт. Яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани он дар сиёсати экспансиони (кишваркушоӣ)-и шоҳону императорҳои мухталиф буд. Ин омил дар замони Искандари Мақдунӣ оғоз ёфта, дар давраи ташкилёбии хилофати Араб ва минбаъд васеъ шудани он аз ҳисоби сарзаминҳои шарқу ғарб рӯ ба инкишоф овард. Бо воридшавии туркҳо ба сарзамини Осиёи Марказӣ ва Эрон, минбаъд лашкаркашии муғулҳо ба минтақаҳои мухталиф ҷаҳонишавӣ марҳилаҳои дигари хешро аз сар гузаронида, омилҳои мусбию манфии хешро барои ин ё он халқ ба бор меовард. Бо ворид гардидани арабҳо ба сарзаминҳои Шарқи Наздик ва туркҳо ба Осиёи Хурд халқҳои маҳаллӣ аз рукни асосии ҳастии фарҳанги моддӣ ва маънавии хеш – забони модарӣ маҳрум гардида, аввал забон ва баъдан ба воситаи он фарҳанги бегонаро қабул намуданд.

Дар миёни миллатҳои зиёди тобеи арабҳо мо ягона мардуме будем, ки забони худро ҳифз карда, аз истиқлоли адабӣ маҳрум намондаем. Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи худ бо вуҷуди он ҳама бархӯрд ва рӯ ба рӯ шудан бо чандин забонҳои тавонои дунё симои аслии хешро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавонии бунёдии ин шохаи забони ориёӣ аз давроно бостон то имрӯз мебошад. Хушбахтона, миллати фарҳангсолори тоҷик ва фарзандони фарзонаи он нагузоштанд, ки ба забони эшон осебе расад. Ба аҷдодони мо муяссар гардид, ки ҳамаи он саҳифаҳои пурмоҷарову аҳримании таърихро, ки боиси харобиҳои зиёди иқтисодиву сиёсӣ гардида буд, ба мушкилӣ ҳам бошад паси сар намуда, ба мо як забони нобу покеро ба мерос гузоранд, ки он муаррифгари миллату давлати муосири мо бошад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми ҷаҳонишавии замони муосир бо хусусиятҳо ва таъсиротҳои хеш то чое фарққунанда ва дар айни ҳол осебпазир мебошад. "Ҷаҳонишавӣ" метавонад дар замони муосир ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам манфии хешро ба бор орад. Агар дар гузашта он бештар хусусияти сиёсию низомӣ дошт, дар айни замон бошад, бештар хусусияти иқтисодиро касб намуда, ба ин восита ба фарҳанг ва унсурҳои он таъсиррасон мебошад. Васеъ гардидани бозори ҷаҳонӣ агар аз лиҳози иқтисодӣ манфиатдор бошад, дар дигар ҳолат метавонад ба маданияти маънавии халқҳои давлатҳои рӯ ба инкишоф таъсири манфӣ расонад. Имрӯз давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ба воситаи маҳсулоти истеҳсолнамудаи саноати пешрафтаи хеш фарҳанг – махсусан забонашонро низ паҳн намуда истодаанд. Иқтисод дар замони муосир омили рушди фарҳанг гардида истодааст. Яъне иқтисодиёти тараққикарда роҳи паҳншавии фарҳанг, аз ҷумла забонро мекушояд. Аз ин рӯ, давлатҳои рӯ ба инкишофро мебояд, ки ин омили манфии ҷаҳонишавиро ба инобат гирифта, зиреҳи фарҳангии хешро бо мақсади дифои унсурҳои он, махсусан забон боз ҳам мустаҳкам нигоҳ доранд. Дар айни ҳол вазифаи ҳар як миллати соҳибзабон, махсусан тоҷикон дар ҷаҳони пурталотум ҳифзи манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла забони модарӣ ба шумор меравад. Мо тоҷиконро мебояд, ки дар радифи дигар муқаддасоти миллии хеш забони модариамонро, ки қимматарин унсури фарҳанг ва муаррифгари миллатамон дар дохил ва арсаи байналхалқӣ мебошад ба мисли ҷони худ ҳифз намуда, нагузорем ягон зуҳуроти номатлуб ба он таъсир расонад. Ҳақ бар ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки забонро ҳастии миллат номида, онро ба сифати шиносномаи миллат ва сарчашмаи ҳастии фарҳанги хосаи он донистааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ин росто Пешвои миллат китоби хешро бо номи "Забони миллат–ҳастии миллат" рӯи чоп оварда, ки фоли некест, дар мустаҳкамшавии мавқеи забони тоҷикӣ. Ин гуна асарҳо метавонанд дар рисолати ҳифозати забони модарии насли наврасӣ кишвар, ки дар марҳилаи бисёр нозук, яъне "ҷаҳонишавӣ" қарор доранд таъсири мусбӣ расонида, ҳувияти миллии эшонро боз ҳам мустаҳкам намоянд.

Забони тоҷикӣ агарчи таърихи куҳан ва волоро доро аст, вале ба Истиқлолияти давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Маҳз истиқлолияти миллӣ метавонад амнияти забон ва анъанаҳои мардумиро ҳифз намояд. Яке аз омилҳои асосӣ дар маънии воситаи ҳимояткунандаи забон дар раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз давлати миллӣ ба шумор меравад. Дар ин росто Пешвои миллат дуруст зикр намудааст, ки "Забони мо бо Истиқлоли ватани мо пайванди ногусастанӣ дорад. Яъне вақте ки ватани мо озод ва мустақил будааст, забони мо ҳам шукуфо ва истиқлол доштааст ва баръакс. Гузашта аз ин, аз ҳамон ибтидои пайдоиш забон яке аз авомил ва ангезаҳои асосии ҷунбишҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ буд. Барои ниёгони мо мафҳуми Ватан ва забон ҳамеша ҳаммаъно будааст".

Таърихи давлатдории аҷдодони мо исботи он аст, ки бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани пояҳои истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ онҳо аз унсури забонӣ истифода намуда, барои рушди босубот ва густариши забони модарии хеш дар ҳар як марҳилаи давлатдориашон тадбирҳои муҳим меандешиданд. Махсусан Саффориён ва Сомониён забонро ба сифати силоҳи сиёсӣ дар мубориза бо арабҳо барои ба даст овардани истиқлолият истифода намуда, дар ин роҳ муваффақ ҳам шуданд. Маҳз натиҷаи чунин хизматҳо ва сиёсати миллӣ буд, ки нахустин осор ба забони тоҷикӣ (дарӣ-форсӣ) пайдо шуда, бузургтарин пешвоёни ин забон ва адабиёт Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва барҷастатарин олимони асрҳои миёна чун Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва пайравону шогирдони онҳо машҳуртарин асарҳои илмии он давраро ба забони модарии хеш навиштаанд. Ва ё замоне, ки шоири роздон ва баландфикр Ҳаким Фирдавсӣ парешонӣ ва заволи давлати Сомониёнро пай бурд, ба ҷамъоварӣ ва ҳифзи ҳикоёт, достонҳо ва расму оини гузаштагон пардохт ва бузургтарин достони ҳамосии ҷаҳон «Шоҳнома»-ро офарид. Ҳаминро мебояд иброз намуд, ки баъд аз сукути давлати Сомониён ва аз даст додани истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ низ ба тадриҷ истиқлолияти худро аз даст дод. Бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ дар дастгоҳи ҳокимони нав мақоми забони адабӣ ва идориро дошт, вале дар ин дарборҳои ачнабӣ охиста-охиста ба забонҳои қабилаҳои мухталифи ҳоким дар минтақа махлут шуда, дар бисёр маврид таровату зебоӣ ва ҷӯшу хурӯши офарандагии худро аз даст дод.

Ҳамин хизмати бузурги эшон буд, ки минбаъд забони тоҷикӣ то соли 1920 дар Мавароуннаҳр ҳамчун забони давлатӣ, новобаста аз аслу насаби сулолаи ҳукмрон арзи вуҷуд намуда, пояҳои истиқлолияти давлати муосири Тоҷикистонро гузошт. Дар солҳои тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ба сифати яке аз воситаҳои асосии ба даст овардани мухторият забони тоҷикӣ гардид, ки он ҳамчун силоҳ бар зидди идеологияи шовинистии душманони миллат баромад намуд. Бояд қайд намуд, ки дар ҳар давру замон яке аз вижагиҳои муҳими забони модарии мо дар хусусияти баҳамоварӣ ва ваҳдатофариниаш зоҳир мегардид.

Моро зарур аст, ки дар боз ҳам мустаҳкам гардидани ин ҷиҳати забони хеш, ки омили муттаҳидӣ ва бузургии мо аст, талош намуда, дар ин марҳилаи сарнавиштсози миллат бетарафӣ зоҳир накунем. Дар ҳифзи забони хеш пайравӣ аз Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ ва Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон намоем.



## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Бобокалонов Ғоибназар Мерганович бинобар вафоти

ПАДАРАШ

изҳори тасаллият менамоянд.

# ЗАБОНИ МОДАРИЯМ – ИФТИХОРАМ



Фирдавс ХОЛЗОДА
донишҷӯи соли 1 (ФҲҲ)

Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳар халку миллат ба ҳисоб меравад. Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи он забонҳоест, ки таърихи бой ва ғанӣ дорад. Имрӯз ин забони муқаддасро чун забони бузурги тамаддуни башарӣ ҳамагон мешиносанд ва меҳоханд онро биомӯзанд. Инро дидаву шунида мо соҳибзабонон низ вазифадорем, ки забони бузурги модарамонро поку беолоиш нигоҳ дошта, дар тозагиву равонии он ҳамарӯза саҳмгузор бошем: Зеро фармудаанд:

**Забони модарӣ фархунда доред,**
**Шумо, ки ворисони рӯзгоред.**
**Барои ҳар каломи поки модар,**
**Даруни синаҳо ҳайкал гузоред.**

Забони баландҳиммате, ки Саъдию Ҳофизи бузург, Синою Хайём, Бедилу Низомии зинатафарини ҳаёт бо он ҳарф мегуфтанд. Забоне, ки Айниву Лоҳутӣ, Мирсаиду Турсунзода, Бозору Лоиқ номдораш гардонидаанд, ки имрӯз аз ҳастии бузургаш меболем.

**Забони ман, дили ман,**
**дилбари ман,**
**Зи ту болост ҳар чое сари ман.**
**Ду чиз аз баҳри ман**
**бошад муқаддас**
**Забони модарию модари ман.**

Ба ифодаи Турсунзодаи бузург: «Забони мо хеле устувор аст, мо имрӯз ҳам ашъори Рӯдакиро аз нусхаи аслаш мутолиа мекунем».

Пас, бемулоҳиза метавон гуфт, ки забони тоҷикӣ чун лафзи фасеҳу равон, содаву фаҳмо, ҳанӯз дар замонҳои зиндагии Рӯдакии бузург вуҷуд доштааст ва дар ташаккули забони порсии дарии тоҷикӣ ӯ саҳми босазое гузоштааст.

Аз 22 июли соли 1989 бо қарори Шӯрои Олии ЧТ забони давлатӣ – забони тоҷикӣ эълон гардид. Мо



насли имрӯз хушбахт аз онем, ки забони мо дорои таърихи куҳан ва ганҷинаи бебаҳост. Бо қарори СММ 21 феврали соли 2002 рӯзи байналмилалии забони модарӣ эълон гардидааст. 5 октябри соли 2009 таҳти №553 Қонуни ЧТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки вазъи ҳуқуқии забонро муайян мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ЧТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар намудаанд: «Забони тоҷикӣ омили муҳимми якдигарфаҳмии одамон ва пайвандгари риштаҳои дӯстии халқҳост. Забони тоҷикӣ поянда аст, то даме, ки миллати тоҷик ҳаст, забони ӯ низ пойдор хоҳад буд».

Дар умум метавон гуфт, ки забони мо он чунон гуворост ва дилнишин аст, ки тамоми ширинихои ҳаётро метавон тавассуташ баён намуд. Он муқаддасу гуворо ва азизу муътабар буда, тоҷиконро болу пар бахшидааст. Имрӯз фарди тоҷик бо ин болу пари бузурги хеш дар парвозҳои баланд аст, зеро ин забонро ҷаҳониён эътироф мекунанд.

**Забони модариам ифтихорам.**
**Саодатбахши халқи номдорам.**
**Дар олам аз ҳама ширинтари ту,**
**Ба Синову Хайёмат сачда орам.**

# ЗАБОН ВА МИЛЛАТ



Муҳаммадҷон ШАРИПОВ
донишҷӯи соли 2 (ФҲҲ)

**Ман ҳамон қадар забони модариамро дӯст медорам, ки агар шабонарӯзӣ ҳарф занам ҳам, лаҳзае хаста намешавам.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Забони тоҷикӣ дар ҳақиқат ширину гуворост, ки инсон дар вақти шунидану сухбат кардан ҳаловати хосае мебарад. Зеро ин забон дар дарёи пуртуғёни таърих ба сангхо бархӯрда боз ширинтар ва зери офтоби тобони шарқ тасфида аст. Чун қарнҳои зиёд забони илму ирфон, таъриху фарҳанг ва одоби мардуми ин сарзамин буд, гум нашудааст.

Асри VI пеш аз милод китоби «Авесто»-ро бо фармони шоҳ Виштосп дар дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо оби заррин иншо намуданд. Аммо соли 331 пеш аз милод ин китоби муқаддаси зардуштиён аз тарафи Искандари Мақдунӣ сӯзонида, хокистараш ба об партофта шуд. Донишмандон пораҳои чудогонаи «Авесто»-ро аз нав гирд овarданд, аммо китоби дуюм ҳангоми истилои араб нобуд карда шуд.

Дар охирҳои асри VII арабҳои бодиянишин ба сарзамини аҷдодони мо ҳуҷум карданд ва онро забт карданд. Забони тоҷик аз гуфтор монд ва ин ҳомӯшӣ 200 сол ҳукмрон гардид.

Хушбахтона, нимаи дуюми асри IX, соли 875 давлати мустақили тоҷикон – Сомониён ба сари қудрат омад ва забони тоҷикӣ забони расмии давлатӣ эълон гардид. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ба шеъру асарҳои ҷовидонаи худ забони тоҷикиро ба қуллаҳои баланди осмонбӯс бароварда, ба он умри ҷовидон бахшиданд. Абӯалӣ ибни Сино бо асарҳои абадзиндаву оламшумули хеш забони тоҷикиро ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Баъди бисёр тараққиёту пешравиҳо ва мустаҳкамшавии илму фарҳанги тоҷик, баъди ду қарн забон ва миллати тоҷик аз нав зери зулми ҳокимони туркнаҷод афтод.

Забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик садсолаҳо ғарқи хун буд. Қаҳрамони Тоҷикистон, асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик Садриддин Айнӣ тавонист бо талошҳои пайваста забони адабии тоҷикиро тарҳрезӣ намуда, халқи тоҷикро ҳамчун миллат муаррифӣ намоянд. Миллати тоҷик дар асри XX нобиғаҳои навро аз қабили С. Айнӣ, Б. Ғафуров, пайравони онҳо М. Турсунзода, Л. Шералӣ, М. Хуҷандӣ, Гулрухсор ва садҳо дигар бузургонро ба майдон овард, ки асарҳои абадзиндаи онҳо забони тоҷикиро умри ҷовидон бахшид.

К. Паустовский мегӯяд: «Муҳаббати самимӣ ба Ватан ва шефтаи забони модарӣ будан мафҳумҳои ҷудонашавандаанд. Касе, ки нисбат ба забони модарии хеш бетафовут аст, ваҳшист ва мавҷудияташ моҳиятан зараровар аст, зеро бепарвоӣ нисбат ба забон нишонаи комилан бетафовут будан ба гузашта, ҳозира ва ояндаи халқи худ аст».

Мо ҷавонон кӯшиш мекунем, ки забони модарии худро ҳамеша омӯхта, онро бо ҳама шевову ширинииаш то абад нигаҳбон бошем.

